А. Байзоев, А. Аҳмадбекова,
Г. Машокирова, Ҷ. Зубайдова, Ҷ. Абдуллоев

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

## Китоби дарсӣ барои синфи 1-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тасдиқ кардааст



ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

**УДК 373.167.1**
**ББК 81.2 тоҷик Я72+74.261.4**
**З - 13**

**З-13.** Байзоев А., Аҳмадбекова А., Машокирова Г., Зубайдова Ҷ., Абдуллоев Ҷ.
**Забони модарӣ**. Китоби дарсӣ барои синфи якум. Душанбе, Маориф, 2018.192 саҳ.

Ҷадвали истифодаи китоб:

| № | Ному насаб | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ISBN: 978-99947-1-427-8
Моликияти давлат

© Байзоев А. 2018
© Маориф. 2018

# АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ


Суҳбат бо бобои Хирад


Бишнавед


Бихонед


Бинависед


Савол


Супориш


Суҳбат


Бозӣ


Кӣ зудтар?


Ба хотир гиред



Чистон

Қоида

Панду амсол

Луғат

## ТАКРОРИ АЛИФБО

# ДАР ҶУСТУҶӮЙИ ДОНИШ






Дар расм чиҳоро мебинед?

Бачаҳои азиз, шумо «Алифбо»-ро хатм кардед. Акнун хондан ва навиштанро ёд гирифтед. Офарин! Хондан ва навиштан калиди дониш аст. Бо ин калид шумо дарвозаҳои донишро як-як кушода, ба боғи маърифат ворид мешавед.

Китоби «Забони модарӣ» шуморо ба сайругашт ва ҷустуҷӯ дар «Боғи дониш» даъват мекунад. Дар ин сафари шавқовар дӯстони ҳамсолатон Азизҷону Азиза ва бобои Хирад ҳамроҳи шумо хоҳанд буд.

Онҳо ба шумо одоби салом, шинухез, ҳурмати падару модар, эҳтироми устод ва калонсолон, беҳтар хондану навиштан ва суҳбат карданро ёд медиҳанд.

Онҳо шуморо ба сайри боғу гулзор, дашту саҳро, кӯҳу дарё мебаранд.

Онҳо ба шумо дар бораи ҳайвоноту парандагони гуногун ҳикоят мекунанд.

Онҳо шуморо ба тамошои шаҳру деҳа мебаранд. Шуморо бо маҳсули дасти инсон ошно месозанд.

Афсонаҳои шавқовар мегӯянд, шеърҳои хуб мехонанд. Бо шумо бозӣ мекунанд.

Бобои Хирад ба шумо чӣ будани Ватан, дӯстӣ ва бузургии инсонро мефаҳмонад.

Бо онҳо дӯст шавед. Ҳамроҳи онҳо кор ва машқ кунед. Ҳамсуҳбати онҳо шавед. Ёд гиред. Доно шавед! Он гоҳ тавоно хоҳед шуд!

**Сафаратон бобарор бод, бачаҳои азиз!**

| Менависем | Мехонем |
|---|---|
| бобои Хирад | бо-бо-йи хирад |
| бузургии инсон | бу-зур-ги-йи ин-сон |

*А*

*а*

*Анора*

*Хоҳӣ, ки шавӣ хушнавис,*
*Навису навису навис.*

Ба калимаҳое, ки дар катакҳои ҳамранг омадаанд, диққат диҳед, нависед ва маънои онҳоро ба хотир гиред:

| | |
|---|---|
| **ҷустуҷӯ** | **ақл, дониш** |
| **хирад** | **калонӣ, пурзӯрӣ** |
| **бузургӣ** | **кофтуков** |
| **инсон** | **саёҳат, тамошо** |
| **сайр** | **одам** |

падару модар, дашту саҳро, хондану навиштан, ҳайвоноту парандагон, шаҳру деҳа.






Аз рӯйи расм суҳбат кунед.



Бодиққат бишнавед, маънои калимаҳои ишорашударо бо ёрии устод пайдо кунед:







Азизҷону Азиза дар ҷустуҷӯйи дониш ба роҳ баромаданд. Рӯзи дуюм онҳо ба як макони зебое расиданд. Дар пеши онҳо як боғи сабзу хуррам буд. Боғ дарвозаи чӯбини хеле зебо дошт. Як мӯйсафеди нуронӣ дарбони он боғ буд.

**Азизҷон:** – Салом, бобоҷон!

**Бобо:** – Салом, фарзандони азизам! Номи шумо чӣ?

**Азизҷон:** – Номи ман – Азизҷон.

**Азиза:** – Номи ман – Азиза.

**Бобо:** – Бисёр нағз. Номи ман – бобои Ҳалим. Аммо мардум маро “бобои Хирад“ мегӯянд. Бачаҳо, шумо куҷо меравед?

**Азизҷон:** – Ба ҷустуҷӯйи «Боғи дониш», бобоҷон.

**Бобо:** – Офарин, бачаҳо. Ҷӯянда – ёбанда аст. Боғи дониш ҳамин ҷост. Аммо ба он даромадан осон нест.

**Азиза:** – Чӣ, саги калон дорад?

**Бобо:** – Не, бачаҳо, саг надорад. Ин боғ ҷойи бачаҳои боақлу боодоб аст. Агар шумо ба саволҳои ман ҷавоби дуруст диҳед, калиди онро медиҳам.

**Азиза:** – Хуб, бобоҷон, мо розӣ!

**Бобо:** – Пас, ин супоришҳоро иҷро кунед.

Ҳарфҳоро бурро хонед:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| А а | Б б | В в | Г г | Ғ ғ |
| Д д | Е е | Ё ё | Ж ж | З з |
| И и | Ӣ ӣ | Й й | К к | Қ қ |
| Л л | М м | Н н | О о | П п |
| Р р | С с | Т т | У у | Ӯ ӯ |
| Ф ф | Х х | Ҳ ҳ | Ч ч | Ҷ ҷ |
| Ш ш | Ъ ъ | Э э | Ю ю | Я я |

Ҳарфҳои катакҳои ҳамрангро ҷудо-ҷудо хонед:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| А а | Б б | В в | Г г | Ғ ғ |
| Д д | Е е | Ё ё | Ж ж | З з |
| И и | Ӣ ӣ | Й й | К к | Қ қ |
| Л л | М м | Н н | О о | П п |
| Р р | С с | Т т | У у | Ӯ ӯ |
| Ф ф | Х х | Ҳ ҳ | Ч ч | Ҷ ҷ |
| Ш ш | Ъ ъ | Э э | Ю ю | Я я |

Ҳарфҳоро бо тартиби зерин нависед:

**1.** Ҳамсадоҳо: ранги **сурх** (роҳ баста аст).
**2.** Садонокҳо: ранги **сабз** (роҳ кушода аст).
**3.** Йотбарсарҳо: ранги **зард** (омехта).

Сиву панҷ бародарон
Бо мо дӯсту меҳрубон.
Бо ҳамдигар мебозанд,
Ҳар чӣ хоҳанд, месозанд. **(а • и • бо)**

| Менависем | Мехонем |
|---|---|
| як | йак |
| ёд гирифтан | йод ги-риф-тан |
| дуюм | ду-йум |
| ҷӯянда | ҷӯ-йан-да |
| ёбанда | йо-бан-да |
| ҷойи зебое | ҷо-йи зе-бо-йе |

Ҳарфҳоеро, ки бо рангҳои якхела ишора шудаанд, ҷудо карда нависед ва бигӯед, ки фарқи онҳо дар чист?

А а Б б В в Г г Ғ ғ
Д д Е е Ё ё Ж ж З з
И и Ӣ ӣ Й й К к Қ қ
Л л М м Н н О о П п
Р р С с Т т У у Ӯ ӯ
Ф ф Х х Ҳ ҳ Ч ч Ҷ ҷ
Ш ш Ъ ъ Э э Ю ю Я я

Нависед ва аз ёд кунед:

Ҷӯянда ёбанда аст.

Ба суратҳо нигаред. Номи ҳайвонотро нависед. Ба тарзи навишти **Т, К, Х, Ӯ, Ҳ, Й, Ф, М, Ш** диққат бидиҳед:



| | |
|---|---|
| **Ҳамсадоҳо:** | б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ. |
| **Садонокҳо:** | а, и (ӣ), о, у, ӯ, э. |
| **Йотбарсарҳо:** | е, ё, ю, я. |

Ҳангоми бо тартиб навиштани ҳарфҳои алифбо Азизҷон якчанд ғалат кард. Ба вай ёрӣ диҳед, ки ғалатҳояшро ислоҳ кунад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| А а | Б б | В в | Г г | Й й |
| Д д | Е е | Ё ё | Ж ж | З з |
| И и | Ӣ ӣ | Ғ ғ | К к | М м |
| Л л | Қ қ | Н н | О о | П п |
| Р р | С с | Ӯ ӯ | У у | Т т |
| Ф ф | Ъ ъ | Ҳ ҳ | Ч ч | Ҷ ҷ |
| Ш ш | Х х | Э э | Ю ю | Я я |

# ЗИМИСТОН

Аз рӯйи сурат фасли зимистонро тавсиф кунед.



- Як сол чанд фасл дорад?
- Ҳоло кадом фасли сол аст?
- Зимистон аз дигар фаслҳо бо чӣ фарқ мекунад?
- Дар фасли зимистон бачагон кадом бозиҳоро дӯст медоранд?

Фасли зимистон буд. Ҳаво хунук. Барф меборид. Харгӯшаке аз таги буттае намудор шуд. Ӯ чизеро мекофт. Ногоҳ аз таги буттаи дигар кабке парид. Харгӯшак сахт тарсид. Фикраш парешон шуд. Лаҳзае ҳайрон монду боз ба таги бутта даромада, бедарак шуд.

- Ин ҳодиса дар кадом фасл буд?
- Ҳаво гарм буд ё хунук?
- Харгӯшак аз куҷо баромад?
- Харгӯшак чӣ кор мекард?
- Харгӯшак аз чӣ тарсид?
- Вай ба куҷо гурехт?



Ситораҳо пурҷило,
Боридаанд аз ҳаво.
Ба рӯйи каф гирад кас
Як қатра об асту бас.

Мепараду паяш нест,
Мешинаду изаш нест.

Калимаҳоро якҷоя нависед:
зи-мис-тон, пур-ҷи-ло, барф-бо-зӣ.

Аз гурӯҳи калимаҳо ва ибораҳои ҷудогона ҷумлаҳо созед ва нависед:
**1.** овард, қанд, бобои барфӣ.
**2.** меборад, дар фасли зимистон, барф.

Дар зимистон ба парандагону ҳайвонот хӯрок ёфтан мушкил аст. Ба онҳо дону хӯрок додан кори савоб аст.

С

с

Сарвиноз сесола аст.

Бишнавед ва ба савол ҷавоб диҳед:



**ХИРС ВА РӮБОҲ**

Рӯзе Хирсу Рӯбоҳ бо ҳам нишаста, дар бораи моҳҳо баҳс карданд.

Рӯбоҳ гуфт:

– Як сол дувоздаҳ моҳ аст: январ, феврал, март, апрел, май, июн, июл, август, сентябр, октябр, ноябр, декабр.

– Не, ҷӯраҷон, надонистӣ, – розӣ нашуд Хирс. Як сол ҳафт моҳ аст: апрел, май, июн, июл, август, сентябр ва октябр. Ман дар умрам ноябру декабр, январу февралу март барин моҳҳоро нашунидаам!



Бачаҳои азиз, Хирс чаро чунин гуфт?

Номи моҳҳоро нависед ва дар хотир доред. Бигӯед, ки шумо дар кадом моҳ таваллуд шудаед.

## ТЕЗГӮЯК



Чӯҷа афтод дар чӯҷа,
Бе чӯҷа монд Хӯҷа.

Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфи заруриро ёфта, нависед:

Мо • , рӯбо • , • афт, • ашт, кӯ • , де • а, са • ро.

Шеърро хонед ва аз ёд кунед:

## ЗЕБИ ЗИМИСТОН

Барфи фаровон борид,
Барфи дурахшон борид.
Ба дашту саҳро нигар:
Либосашон шуд дигар.
Шуд боғу майдон сафед,
Долу дарахтон сафед.
Барфи калон, марҳабо,
Нуқраафшон, марҳабо!

**Алӣ Бобоҷон**





О

о

Олам

Хат навис, зебо навис,

Равшану хона навис.



Шеърро бодиққат бишнавед ва қисм-қисм хонед:



## ЛЕЗАКИ МАН

Эй зимистон, тез-тез
Барфаки худ рез-рез
Бодаки сардат вазон,
Дарё кунад ях аз он.
Лезак гирам ба поям,
Ба рӯйи ях бароям.
Яхмолакбозӣ кунам,
Хуб даву тозӣ кунам!

Зимистони қаҳратун,
Ту бо ман шӯхӣ накун.
Ман аз ту наметарсам,
Аз сардӣ намеларзам!
Лезаки ман, зебоӣ,
Лезаки ман, тезпойӣ.
Аз баландӣ мепарӣ,
Ҳар ҷо хоҳам, мебарӣ.

Ба кӯҳ ҳам мебарой,
Аз ҷарӣ мефарой.
Наметарсам аз ҳеҷ чиз,
Мепарам чун боди тез.
Намекобам ҷойи гарм,
Напӯшам палтои гарм.
Охир ман варзишгарам,
Рӯ-рӯйи ях мепарам!

**Мавҷуда Ҳакимова**

**лезак** – конки
**бод** – шамол
**сард** – хунук
**қаҳратун** – хеле хунук, бисёр хунук
**варзишгар** – варзишкор

Дар бораи дигар бозиҳои зимистона (лижаронӣ, чанасаворӣ, яхмолакбозӣ) суҳбат ташкил кунед.

Аввал гӯш кунед, баъд мустақилона хонед:

## ҶАРО?

Афандӣ меҳмони марди сарватманде шуд. Як табақ гӯштбирён оварданд. Гурусна буд, ҳамаашро хӯрд. Косаи шӯрбо оварданд, нӯши ҷон кард. Навбати палав расид, батамом хӯрда, табақро лесид. Дар як табақ манту оварданд. Афандӣ ки сер шуда буд ва дигар хӯрда наметавонист, фиғон кашида гуфт:

– Худоё! Ҷаро ду чашму ду дасту ду по додӣ, аммо фақат як даҳону як шикам?

**сарватманд** – бой
**нӯши ҷон кард** – хӯрд
**фиғон кашид** – дод зад

Ҷавоби ин чистонро аз рӯйи мазмуни латифаи боло пайдо кунед:




Ду карнай доимо хап,
Бохабар аз ҳама гап.



Азизҷону Азиза ҳамаи супоришҳоро хуб иҷро карданд. Бобои Хирад хурсанд шуду дарвозаи боғро кушод.



– Ваҳ, чӣ хел нағз! – гуфт Азизҷон.
– Эҳе, чӣ хел калону зебо! – шод шуд Азиза.



Бобои Хирад гуфт:

– Ин боғ дарвозаҳои дигар низ дорад. Ҳар дарвоза шуморо боз ба як боғчаи хурд мебарад. Номи боғчаи аввал **ОИЛА** аст. Агар шумо дар бораи модар ва падар яктой шеър бигӯед, ман калиди дарвозаи якумро ба шумо медиҳам.

## МОДАРАМ



– Маро саҳар кӣ хезонд?
– Модарам!
– Кӣ сӯйи оби ҷӯ хонд?
– Модарам!
– Кӣ куртаам бипӯшонд?
– Модарам!
– Кӣ чойи гарм нӯшонд?
– Модарам!
– Кӣ гул ба дасти ман дод?
– Модарам!
– Кӣ мактабам фиристод?
– Модарам!
– Маро кӣ гуфт қобил?
– Модарам!
– Кист ба ман ҷону дил?
– Модарам!

**Убайд Раҷаб**

**хонд** – даъват кард, ҷеғ зад,
**нӯшонд** – хӯронд
**фиристод** – равон кард

## ПАДАРҶОН

Чӣ маҳбубӣ, чӣ ҷононӣ, падарҷон!
Гулӣ, ишқӣ, дилӣ, ҷонӣ, падарҷон.
Ба чашми ман зи ҳар чизе, ки гӯянд:
– Чӣ хуб аст ин?
– Беҳ аз онӣ, падарҷон!

**Абулқосим Лоҳутӣ**



**зи ҳар чизе** – аз ҳар чизе, аз ҳама чиз
**беҳ аз онӣ** – аз он беҳтар ҳастӣ

| Менависем | Мехонем |
|---|---|
| бигӯед | би-гӯ-йед |
| дарвозаи боғ | дар-во-за-йи боғ |
| боғчаи аввал | боғ-ча-йи ав-вал |
| оила | о-йи-ла |
| чӣ хуб аст ин | чӣ ху-бас-тин |
| беҳ аз онӣ | бе-ҳаз о-нӣ |

Аз рӯйи намуна миқдори ҳарфу ҳиҷоҳои калимаҳоро ёбед:

Намуна: **дарвоза** – **ҳафт** ҳарф, **се** ҳиҷо

оила, калон, хурсанд, супориш, яктой, медиҳам.

Б
б
Бо модари хеш меҳрубон бош.
Оиладаи хидматгари ба ҷон бош.

# ОИЛАИ МО



Ба суратҳо бодиққат нигаред. Номи зери суратҳоро хонед.



**Хуршед**



**Шукрона**



**Фарзона**



**Ҷамшед**



**Умед**



**Мижгона**



Салом, бачаҳо! Номи ман – Шукрона. Ман бобо, бибӣ, падар, модар ва як додарча дорам. Номи бобоҷонам Хуршед аст. Бибиҷонам Фарзона ном дорад. Номи падарам Ҷамшед аст. Номи модарҷонам – Мижгона. Номи додарчаи хушрӯякам Умедҷон аст.

Аз рӯйи як сурати хонавода дар бораи аҳли оилаи худ суҳбат кунед.

## ХОҲАРАКАМ

Гули анор,
Нағмаи тор,
Бӯйи баҳор
Хоҳаракам!

Ҳалқа ба мӯ,
Лола ба рӯ,
Ғунча ба бӯ
Хоҳаракам!

Аллаи шаб,
Хандаи лаб,
Хонаи гап
Хоҳаракам!

Навпару бол,
Донаи хол,
Кони суол
Хоҳаракам!

Мурғи саҳар,
Ширу шакар,
Ранги писар
Хоҳаракам!

Чаман-чаман
Гули суман,
Ҷонаки ман
Хоҳаракам!

**Латофат**



Аз рӯйи расмҳо ба саволи «Модарҷонам чӣ кор мекунад?» ҷавоб диҳед.








Модари меҳрубон. Модари меҳрубони ман. Модари ман меҳрубон аст.

Модарони ғамхор. Модарони ғамхори мо. Модарони мо ғамхоранд.

Шумо ба модаратон чӣ тарз муроҷиат мекунед?

Ҳамаи калимаҳое, ки мо нисбат ба модар мегӯем (оча, апа, бува, ая, нан...) хубу ширину азизанд. Аммо **модарҷон** гуфтан аз ҳама ширинтар аст! Бовар намекунед? Аз худи модаратон пурсед!

## МОДАР

Гӯянд, маро чу зод модар,
Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.
Шабҳо бари гоҳвораи ман
Бедор нишасту хуфтан омӯхт.
Як ҳарфу ду ҳарф бар забонам
Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.
Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи роҳ рафтан омӯхт.
Пас ҳастии ман зи ҳастии ӯст,
То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.

**Эраҷ Мирзо**

**зод** – таваллуд кард
**хуфтан** – хобидан, хоб рафтан
**алфоз** – калимаҳо, лафзҳо
**шева** – тарз, усул
**ҳастӣ** – будан, зиндагӣ кардан
**дорамаш дӯст** – ӯро дӯст медорам

*В*
*в*
*шева.*
*Вақтат рафт, бахтат рафт.*

## Навиштани номи якдигар

Як кас ба назди тахтаи синф даъват мешавад, дигарон бонавбат номи худро мегӯянд, ӯ менависад. Ғалати ӯро худи хонандагон ислоҳ мекунанд. Барои як кас навиштани се ном кофист.

Ҳарфи и-ро бо калимаҳои якум пайваст карда нависед ва хонед:

модарҷон и меҳрубонам
падарҷон и азизам
бибиҷон и афсонагӯям
бобоҷон и ғамхорам

## Номи писар, номи духтар

Як кас ба назди тахтаи синф даъват мешавад. Устод номро мегӯяд. Агар он номи писарона бошад, шогирд дасти рост, духтарона бошад, дасти чап ва номи муштарак бошад, ҳар ду дастро боло мекунад. Ҳар гоҳ ки шогирд ғалат кард, ӯро шарикдарсаш иваз мекунад.

> Ҳарфи аввали номи одамон бо шакли калон навишта мешавад: **М**адина, **А**ниса, **М**урод, **Э**раҷ, **М**уҳаммад.

Ин калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед ва бихонед:

меҳрубон, меҳрубонам, афсонагӯ, афсонагӯям, модарҷон, модарҷонам, падарҷон, падарҷонам, ғамхор, ғамхорам.

# ЯК РӮЗ БО МОДАРҶОНАМ

## 1. Саҳарӣ



– Бачаҷонам, бихез акнун, рӯз шуд.

– Ҳозир, модарҷон.

– Писарҷони очаш, бихез, ки дер шуд.

– Ҳозир, очаҷон.

– Ку, ҷони оча, то даҳ шумуру бихез.

– Хуб, очаҷон.



Супориши Азизҷон: Ба суратҳо бингаред ва бигӯед, ки баъди аз хоб хестан ман чӣ кор мекунам:











Ба ҷойи нуқта ҳарфи заруриро гузошта, калимаҳоро хонед ва нависед:

1. (а) м • н, т • н, хон •, шон • , мод • р, хоҳ • р, п • д • р
2. (о) н • м, н • н, м • дар, бар • дар, б • б •



Нақшҳоро бо шарикдарсатон иҷро кунед. Ба оҳанги гуфтор **(савол, таҳсину офарин)** эътибор диҳед.



**2. Нисфирӯзӣ**

– Ассалом, модарҷон!
– Салом, ҷонакам, омадӣ?
– Омадам!
– Нағз хондӣ?
– Ҳа, модарҷон. Устод ба ман **“офарин!”** гуфтанд.
– Офарин, ҷони модар!



Супориши Азизҷон: Ба суратҳо бингаред ва бигӯед, ки ман то бегоҳ чӣ кор мекунам?



Ба ҷойи нуқта номи падару модаратонро навишта, ба дафтар кӯчонед:
Номи падарам ... аст. Номи модарам ... аст.

### 3. Хоби ширин




– Вақти хоб шуд, бачаҷонам.
– Аввал афсона гӯед.
– Хуб, гӯш кун.

## БАХТИ ХОНАДОН
(Афсона)

Будаст-набудаст, як мард будааст. Вай се писар доштааст. Онҳо бо ҳамдигар аҳл, яъне дӯсту меҳрубон будаанд. Як рӯз Бахт пеши он мард омадаасту гуфтааст:

–Ман аз хонаат меравам!

Мард писари калониро пеши худ **хонда,** гуфтааст:

–Бахт аз хонаи мо рафтанист. Ту ба ин чӣ мегӯйӣ?

Писари калонӣ ҷавоб додааст:

–**Бигузор равад!** Ба мо Бахт не, **иттифоқ лозим**!

Мард писари дуюмашро **ҷеғ зада,** гуфтааст:

–Бахт аз хонаи мо рафтанист. Ту ба ин чӣ мегӯйӣ?

Писари миёна гуфтааст:

– Равад, рафтан гирад! Ба мо дӯстӣ даркор аст!

Мард ба писари сеюмаш ҳам ҳамин гапро гуфтааст.

Писари хурдӣ ҷавоб додааст:

–Бахт равад ҳам, мо аҳл мемонем, падарҷон!

Он мард ҷавоби ҳар се писарашро ба Бахт гуфтааст. Бахт ҷавоб додааст:

– Ин хел бошад, ман ба ҳеҷ ҷо намеравам! Хонаи ман он ҷост, ки дӯстию иттифоқ бошад. Одамон ҳама аҳл бошанд.

• • • • •

– Ана, писарҷон, афсона тамом, акнун бихоб. Хоби ширин, ҷони оча.

– Раҳмат, модарҷон, хоби нағз бинед.



## АРТИШИ МИЛЛӢ



23-юми феврал дар саросари кишвар Рӯзи Артиши миллӣ бо тантана ҷашн гирифта мешавад. Ин рӯзи саидро ба ҳамагон, хосса ба сарбозони далер ва ҷасури Ватан муборакбод мегӯянд. Артиши мо сарҳади кишварро посбонӣ мекунад. Мардум осуда хоб мекунанд. Ҳар як марди Тоҷикистон бояд хизмати Ватан-Модарро иҷро кунад.







- Рӯзи Артиши миллӣ кай ҷашн гирифта мешавад?
- Хизмати Ватан-Модар чӣ маъно дорад?
- Аз оилаи шумо кӣ дар артиш хизмат кардааст?

Калимаҳои ҳамрангро паҳлуи ҳам нависед ва ба саволҳо ҷавоб диҳед:

• **Бигузор равад** чӣ маъно дорад?
• **Даркор аст**ро боз чӣ гуфтан мумкин?
• Шумо аллакай маънои **хондан**ро медонед. Ин калима дар ҷумлаи **Мард писари калониро пеши худ хонда, гуфтааст** чӣ маъно дорад?
• **Иттифоқ** чӣ будааст? **Аҳл** чӣ?

Маънои калимаҳоро бо ёрии устод шарҳ диҳед ва чӣ будани **БАХТ**ро дар хотир доред:

**Б** ародарӣ
**А** ҳл
**Х** урсандӣ
**Т** авоноӣ

Ба гурӯҳҳои панҷнафара тақсим шуда, афсонаро бо иҷрои нақшҳо хонед. Дар вақти холӣ нақшҳоро иваз намуда, худатон такрор кунед.

Бо ёрии устод маънои калимаҳои зеринро шарҳ диҳед: Зебо – зебо, Лола – лола, Раҳмат – раҳмат, Азиз – азиз.

Нависед ва аз ёд кунед:

Мероси падар хоҳӣ, касби падар омӯз.

# ОРЗУ

Вақте калон мешавам,
Ба аскарӣ меравам.
Мепӯшам ба сари худ
Ман кулоҳи хушнамуд.
Маҳкам тасма мебандам,
Ин хел мемонам қадам:
Яку дую сею чор,
Аскари таппа-тайёр!
Кай ман калон мешавам?
Кай аскарӣ меравам?

**Озод Аминзода**

Бо калимаҳои **далер, сарбоз, ҷашн** ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

Ҷумларо шарҳ диҳед:

Ҳар як марди Тоҷикистон бояд хизмати Ватан-Модарро иҷро кунад.

*Ж*

*ж*

*Манижа хоҳари Бежан аст.*

# ТАКРОРИ БОБИ ОИЛА



Гӯш кунед ва мазмунашро нақл кунед:

## ДӮСТРӮЯКОНИ МОДАР

Модари Сайёра аз дари ҳавлӣ даромад. Бачаҳо модарашонро диданд ва «Салом, модарҷон!» гуфта ӯро печонда гирифтанд. Модар онҳоро ба оғӯш гирифт. Ба хона ва пешайвон нигоҳ кард. Ҳама ҷо рӯфтагӣ, косаю табақ ва чойнику пиёлаҳо шуста, ҷо-баҷо гузошта шудаанд.

– Ҳавлиро кӣ рӯфт? – пурсид модар.

– Ман, – ҷавоб дод Сайёра.

– Хонаю айвонро кӣ тоза кард?

– Ман, – бо табассум ҷавоб дод писарчааш Тоҳирҷон.

– Табақу коса ва чойнику пиёлаҳоро кӣ шуста монд?

–Ман, – бо ифтихор ҷавоб дод писари калониаш Каримҷон.

Мукаррамахола аз хурсандӣ чӣ гуфтанашро намедонист. Ӯ фахр мекард, ки фарзандонаш акнун дастёр шудаанд. Ӯ дар дил онҳоро «дӯстрӯякони модар» мегуфт.

Саволҳо барои санҷиш:



- Номи модар чист?
- Модар чанд фарзанд дорад?
- Чанд писару чанд духтар?
- Номи онҳо чист?
- Сайёра чӣ кор кард?
- Тоҳирҷон чӣ кор кард?
- Чойнику пиёлаҳоро кӣ шуст?

Калимаҳоро хонед ва нависед:
Намуна: ас-са-лом – ассалом
ак-нун, ба-ҳо, ав-вал, заҳ-мат;
о-ма-дам, ги-риф-там, ме-гӯ-ям, шу-мур-дан;
о-фа-рин, аф-со-на;
ни-гаҳ-до-рӣ.

Аз рӯйи намуна ду ҷумла нависед:
Модари ман меҳрубон аст.

| | |
|---|---|
| **Модари ман** | меҳрубон<br>азиз<br>ғамхор<br>беҳтар аз ҷон<br>нағз<br>дилсӯз<br>аз ҳама хушрӯ |

Кӣ дар бораи падару модар шеър мехонад?

Калима месозем. Ҳар кас соҳиби як ҳарфи коғазӣ аст. Устод як калимаи сода мегӯяд, бачаҳо аз рӯйи ҳарфҳо бо тартиб ба назди тахтаи синф омада, калима месозанд.





Азизҷону Азиза аз боғи ОИЛА бо як ҷаҳон таассурот баромаданд. Онҳо фаҳмиданд, ки падару модар аз ҳама азизанд. Бобою бибӣ ғамхору меҳрубонанд. Бародарону хоҳарон наздиктарин одамонанд. Донистанд, ки дар оила ҳама аҳл бошанд, БАХТ ҳамеша ҳамроҳи онҳо мешавад.

Бобои Хирад низ хушҳол буд. Ӯ гуфт:

–Бачаҳои азиз, ин пандро дар ёд доред:

Падар розӣ, модар розӣ – Худо розӣ.

Бобои Хирад Азизҷону Азизаро ба назди дарвозаи дигар бурд. Дар болои дарвозаи зебо **ХОНА** навишта шуда буд. Бобои Хирад гуфт:

– Шумо барои ба **ХОНА** даромадан бояд бо ин зинаҳо боло бароед. Барои ин ба ҳар зина калимаҳои мувофиқро аз рӯйи миқдори ҳарфҳо бо тартиб гузошта нависед.






Калимаҳо барои баромадан бо зина:
**намакдон, дарвоза, чангкашак, тиреза, хона, нон, яхдон, об.**

Азизҷону Азиза ин супоришро иҷро карда, соҳиби калиди **ХОНА** шуданд.






Аз рӯйи расм суҳбат кунед.

# ХОНАИ МО

Ба суратҳо бингаред, номи ашёро ёбед ва нависед:



курсӣ, дар, оташдон, телевизор, гулдон, радио, телефон, компютер, яхдон, тиреза, қолин, парда, миз, чангкашак, ҷевон, танӯр.

Як умр дар паси дар
Саргарми хонапойӣ,
Бе рухсаташ ба хона
Ҳаргиз намедаройӣ.



# ПАНДИ БУЗУРГОН

Нависед ва аз ёд кунед:

Хишти аввал чун ниҳад меъмор кач,
То ба охир меравад девор кач.

**Ҷалолиддини Балхӣ**

**аввал** – якум
**меъмор** – хонасоз
**ниҳодан** – мондан, гузоштан

Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, ба саволҳо ҷавоб диҳед ва ба дафтар нависед. Ҷавобҳои худро барои ҳамсинфон бихонед.

- Бо **чумча** (қошуқ) чӣ кор мекунем?
- **Корд** барои чӣ лозим аст?
- **Хӯрок**ро дар чӣ мепазанд?
- **Коса** барои чӣ даркор аст?
- **Чой**ро аз чӣ менӯшанд?
- **Чангкашаку ҷорӯб** барои чӣ лозиманд?
- **Нон**ро дар чӣ мепазанд?

Калимаҳоро якҷоя нависед ва хонед:
қанд + чой, шир + чой, асал + чой

*Ҳҳ*

*ҳ*

*Ҳунар – аз донишу, дониш – аз хониш.*



Калимаҳоро ҷуфт-ҷуфт (дутоӣ) хонед. Фаҳмонед, ки фарқи байни онҳо чист?
хона – хонача, корд – кордча, табақ – табақча, қошуқ – қошуқча, кӯрпа – кӯрпача.

**ЧАРО?**



Чаро Раъно мешинад,
Ман меорам дастархон?
Чаро Барно масти хоб,
Ман кашонам қанду нон?

Чаро Раъно беғам аст,
Ман мерӯбам хонаро?
Чаро Барно гум кунад
Ман мечӯям шонаро?

Чаро Раъно мехӯрад,
Ман косаро мешӯям?
Чаро Барно мегиряд,
Ман аллааш мегӯям?



Муайян кунед, ки кӣ калону кӣ хурд аст.
Шумо ҳам ба модар ёрӣ медиҳед?



Калимаҳое, ки ҳарфи «ӯ» доранд, ба дафтар нависед.

Гӯш кунед ва мазмуни матни шунидаатонро баён кунед.

## НОН ЧӢ ХЕЛ ПАЙДО МЕШАВАД?

Ҳар саҳар нону панир, ширу шакар мехӯрем. Аммо шумо медонед, ки нон чӣ хел пайдо мешавад? Бобои деҳқон заминро шудгор мекунад, гандум мекорад. Гандум месабзад. Ғизои гандум хоку обу офтоб аст. Гандум мерасад. Бобои деҳқон гандумро медаравад. Дар осиёб гандумро орд мекунад. Ордро модарамон хамир мекунад. Танӯрро бо оташ метафсонад. Хамирро завола гирифта, нон рост карда, ба танӯр мечаспонад. Дар гармии танӯр нон мепазад. Онро мо боҳаловат мехӯрем.




Дидед, барои як пора нон чӣ қадар меҳнат мекунанд! Ба қадри меҳнати бобои деҳқону модарон расед!

Хонед ва нависед. Маънои онро шарҳ диҳед.

Нон ҳам нону нонреза ҳам нон.

Ба гурӯҳҳои нуҳнафара ҷудо шавед. Ба аъзои гурӯҳи худ аз **1** то **9** рақам гузоред. Аз рӯйи ҳикоя ҷумлаҳоро бо тартиб хонед. «Рақамҳо» ҳикояро аз рӯйи тартиби худ мехонанд:

**1.** Бобои деҳқон гандумро медаравад.
**2.** Танӯрро бо оташ метафсонад.
**3.** Гандум месабзад.
**4.** Бобои деҳқон заминро шудгор мекунад, гандум мекорад.
**5.** Дар осиёб гандумро орд мекунад.
**6.** Ордро модарамон хамир мекунад.
**7.** Хамирро завола гирифта, нон рост карда, ба танӯр мечаспонад.
**8.** Дар гармии танӯр нон мепазад.

- Кӣ гандум мекорад?
- Гандумро дар куҷо орд мекунанд?
- Кӣ ордро хамир мекунад?
- Танӯрро чӣ тарз метафсонанд?
- Кӣ нонро боҳаловат мехӯрад?

*Д*

*д*

*Деҳқон заминро шудгор мекунад.*

Н

н

Нон, нонво, нонвохона.

Гандум, орд, хамир, нон.

Бишнавед ва мазмунашро нақл кунед:

## ТАБАҚИ ЧӮБИН, КОСАИ САФОЛ, ПИЁЛАИ ЧИНӢ







Бобои Хирад аз ҳар пешрафти Азизҷону Азиза хушҳол мешуд. Азизҷону Азиза ҳам аз бобои Хирад ҳамеша ҳар чизро мепурсиданд, аз пурсидан шарм намедоштанд. Вақте ки бачаҳо бо чизҳои хона шинос шуданд, ҳайрон монданд, ки чаро одамон табақро **чӯбин**, косаро **сафолин** ва пиёларо **чинӣ** мегуфтаанд. Онҳо инро аз бобои Хирад пурсиданд. Бобои Хирад бо меҳрубонӣ гуфт:

– **Табақ, коса, пиёла, чойник** – ҳамаи инҳоро **зарф** мегӯянд. Аввал одамон зарфҳоро аз чӯб месохтанд.

Баъд онҳо ҳунари худро **сайқал** доданд, омӯхтанд ва аз лой сохтани зарфҳоро ёд гирифтанд. Аз лой ҳар чиз сохта, дар оташ мепухтанд.

Ин одамонро **кулол** ва чизҳои сохтаи онҳоро сафол мегуфтанд.

Илму дониш боз пеш рафт. Одамон сохтани зарфҳои сахттару **мустаҳкам**тарро ёд гирифтанд. Як навъи онро «чинӣ» мегӯянд. Онро аввал дар **кишвар**и Чин сохтанд ва савдогарон ба ҷойҳои мо оварданд.

Ана барои ҳамин мардуми мо онҳоро чинӣ, яъне аз Чин овардашуда мегуфтагӣ шуданд.

Ана ҳамин хел, бачаҳо, ҳар чизе, ки дар хона ҳаст, **таърих** дорад. Шумо ҳам аз калонсолон ҳар чӣ пурсиданро ёд гиред, аз пурсидан шарм надоред.

Калимаҳои ишорашударо нависед ва бо ёрии устод маънидод кунед.

## ДАР ЯХДОН ЧИҲО ҲАСТ?

Аз рӯйи намуна дутоӣ савол ва ҷавоб нависед:
Намуна: Дар яхдон чӣ ҳаст? Дар яхдон гӯшт ҳаст.
Дар яхдон чиҳо ҳаст? Дар яхдон гӯшту тухм ҳаст.

Калимаҳо барои истифода:
гӯшт, панир, шир, тухм, ҳасиб, помидор, бодиринг, қаймоқ, мураббо, ҷурғот, равған, мева, шарбат.

# СЕТО НОН





**Гӯянда:** Буд, набуд, як мард буд. Мард ҳар рӯз аз нонвохона сето нон мехарид. Нонво рӯзе аз он мард пурсид:

**Нонво:** – Амакҷон, чаро Шумо ҳар рӯз фақат сето нон мехаред?

**Гӯянда:** Мард ҷавоб дод:

**Мард:** – Як нонро қарз медиҳам. Нони дуюмро барои адои қарз медиҳам. Сеюмашро бо занам мехӯрем.

**Гӯянда:** Нонво ҳайрон шуду чизе нафаҳмид. Рӯзи дигар боз пурсид:

**Нонво:** – Амакҷон, ман маънои суханҳои Шуморо нафаҳмидам.

**Гӯянда:** Мард як табассум карду гуфт.

**Мард:** – Як нонро ба фарзандонам медиҳам. Ин қарз аст, чунки дар пиронсолиам онҳо ба ман нон медиҳанд. Нони дигарро ба падару модари пирам медиҳам. Ин адои қарз аст, чунки дар хурдсолиам онҳо ба ман нон медоданд. Нони сеюмро ману занам мехӯрем.



Бачаҳои азиз! Нонво акнун фаҳмид, ки он мард чӣ мегӯяд. Шумо ҳам фаҳмидед?



Аз рӯйи намуна номи зарфҳоро ёбед ва нависед: коғаз – ғаз = ко; ко + са = коса.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| коғаз | – | ғаз | = | ко | + | са | = | коса |
| сабук | – | бук | = | са | + | бад | = | |
| табар | – | бар | = | та | + | бақ | = | |
| яхмос | – | мос | = | ях | + | дон | = | |

Чӣ дӯсти чӣ?

| | |
|---|---|
| коса | ош |
| чойник | об |
| табақ | чой |
| истакон | шӯрбо |

Аз рӯйи намуна ибора созед:

нон + гарм нони гарм

тухм + мурғ, гӯшт + гов, дар + чӯбин, пиёла + чинӣ.

Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, нависед намуна:

пешрафт = пеш-рафт.

хушҳол, пурсиданд, меҳрубонӣ, мустаҳкамтар.

Ба гурӯҳҳо ҷудо шавед ва матнро ба қисмҳо ҷудо карда, бо навбат хонед.

Дӯстони сегона ва бегона. Дар ҳар гурӯҳ се **худӣ** ҳасту як **бегона**. Бегонаҳоро ёфта, аз дар берун кунед ва сегонаҳоро дар дафтар нависед:

**1.** Нон, ҷурғот, шакар, миз;
**2.** Кӯрпа, кӯрпача, ҷевон, болишт;
**3.** Дар, табақ, чойник, пиёла;
**4.** Парда, қолин, гӯшт, палос;
**5.** Тухм, ҳасиб, панир, курсӣ.

## НОНИ ГАНДУМ



Нон бувад чун ҷони одам,
Қуввату дармони одам,
Зеби дастурхони одам,
Иззати меҳмони одам.
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаҳою дони гандум.

Ранҷи деҳқон аст гандум,
Ганҷи деҳқон аст гандум,
Файзи даврон аст гандум,
Номи мардон аст гандум.
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаҳою дони гандум.

Дар баҳорон мекашад сар,
Сабзааш чун нӯги ханҷар,
Хӯшааш чун зулфи духтар,
Донааш ҳамранги ахтар.
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаҳою дони гандум.

**Ҷумъа Қувват**

**бувад** – ҳаст
**чун** – мисли, монанди
**мепарастам** – дӯст медорам, нағз мебинам
**ранҷ** – меҳнат, азоб
**ганҷ** – бойигарӣ
**файз** – баракат
**ханҷар** – корди дудамаи нӯгтез
**ахтар** – ситора

Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, шеърро якпорагӣ аз ёд кунед.



Аз рӯйи расмҳо суҳбат кунед:

| **Аввал чӣ буд?** | **Баъд чӣ шуд?** |
|---|---|
|  |  |
|  |  |
|  |  |



Шеърро хонед. Шумо ҳам мисли Гулбаҳор шудан меҳоҳед?



– Сатил куҷост, Гулбаҳор?
– Намедонам, очаҷон.
– Хӯрок пазам, об биёр!
– Наметонам, очаҷон.
– Ҷорӯб куҷост, Гулбаҳор?
– Намедонам, очаҷон.
– Хоҳаратро бозӣ дор.
– Наметонам, очаҷон.
– Конфет куҷост, медонӣ?
– Ҳо, медонам, очаҷон!

**Абдулло Қодирӣ**



Аз ду гурӯҳи ҷумлаҳо мувофиқашро нависед:

| | |
|---|---|
| Мо дар ҳавлӣ зиндагӣ мекунем. | Мо дар бинои бисёрошёна зиндагӣ мекунем. |
| Мо дар ҳавлӣ гову гӯсфанду буз дорем. | Мо дар хона радио ва телевизор дорем. |
| Мо боғ дорем. | Мо боғ надорем. |
| Хонаи мо калон аст. | Хонаи мо он қадар калон нест. |



Калимаҳои **дорем** ё **надорем**ро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед ва нависед:

**1.** Мо ҳавлӣ **...** .
**2.** Мо компютер **...** .
**3.** Мо қолин **...** .
**4.** Мо яхдон **...** .





Бишнавед ва бигӯед, ки шумо аз боғи **ХОНА** чиҳоро ёд гирифтед.

Азизҷону Азиза бо боғи **ХОНА** аз наздик шинос шуданд. Бисёр чизҳои навро ёд гирифтанд. Донистанд, ки одамон ҳамеша, яъне ҳама вақт барои беҳтару осонтар кардани кори худ кӯшиш мекунанд. Ба ҷойи чароғу шамъ фурӯзонак (лампочка)-и барқӣ ихтироъ карданд, яъне сохтанд. Барои осон кардани кори модарон чангкашак сохтанд. Ба ҷойи оташдон плитаи газию барқӣ сохтанд. Онҳо фаҳмиданд, ки ҳамаи инро олимон сохтаанд. Олимон ҳамон шахсоне ҳастанд, ки дар мактаб аъло мехонданд ва ҳама чизро медонистанд.

Дар дили Азизҷону Азиза ҳам орзуи доно шудан пайдо гардид. Бо ин орзуҳо онҳо ба сӯйи боғи навбатӣ – **МАКТАБ** раҳсипор шуданд.

Тарзи навишти ин калимаҳоро ба хотир гиред: курсӣ, ҳавлӣ, чинӣ, зиндагӣ.

**Аз бекор ҳама безор.**

Г

г

гандум

Гулрӯ

## ТАКРОРИ БОБИ ХОНА

**1.** Хона, таххона, болохона.
**2.** Хонаи якошёна, хонаи бисёрошёна.
**3.** Хонаи мо якошёна аст.
**4.** Мо дар хона мизу курсӣ, яхдон, радио, магнитофон ва телевизор дорем.

Тарзи навишти ин калимаҳоро ба хотир гиред: гӯш, гурӯҳ, гӯянда, рӯз, кӯрпа, гӯшт, кӯза, чӯбин, омӯхтан, танӯр, мавзӯъ, гӯсфанд, ҷорӯб.

Аз рӯйи намуна дар бораи хонаи худатон чанд сухан гӯед:

Мо дар ҳавлӣ зиндагӣ мекунем. Ҳавлии мо калон аст. Он чор хона, ду даҳлез ва як айвон дорад. Мо меҳмонхона ҳам дорем. Дар ҳавлӣ анбору оғил ҳам ҳаст. Бел, каланд, анбӯр, теша, арра дар анбор аст.

Дар оғил ду сар гов ва чор сар гӯсфанд дорем.



Бобои Хирад низ аз ин орзуи бачаҳо шод шуд. Аммо чун ҳарвақта гуфт:

– Калид аз они шумост, агар дар васфи мактабу муаллим яктоӣ шеър гӯед...




## МУАЛЛИМИ МО

Эй махзани меҳр,
Эй кони ҳикмат.
Ҳар рӯзи умрат
Дарси ҳақиқат.
Муаллими мо,
Муаллими мо!

Роҳи ҳаётат,
Ин роҳи некист.
Даргоҳи умрат
Даргоҳи некист.
Муаллими мо,
Муаллими мо!

Моро чу нахле
Парвардаӣ ту.
То файзи ҳосил
Овардаӣ ту.
Муаллими мо,
Муаллими мо!

**Латофат**

## БИЁЕД, БО ҲАМ НАЗДИКТАР МЕШАВЕМ!

Суҳбатҳоро хонед, баъд аз рӯйи онҳо нақшҳоро иҷро намоед.

**1.**



– Салом, Диловар!
– Салом, Умедҷон!
– Номи падарат чӣ?
– Номи падарам – Муҳаммад. Номи падари ту чӣ?
– Номи падари ман Фаридун аст.
– Раҳмат, ҷӯраҷон, барои суҳбат.
– Ба ту ҳам раҳмат.





**2.**

– Ассалом, дугонаҷон!
– Салом, Замира!
– Муниса, номи модарат чӣ?
– Номи модарҷонам – Меҳринисо. Номи модари ту чӣ?
– Номи модарҷони ман – Фирӯза.



- Номи падари Диловар чӣ будааст?
- Номи падари Умедҷон чӣ?
- Номи дугонаи Замира чӣ?

Х

х

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.

Аз рӯйи суҳбати дуюм ҷумлаҳоро пурра кунед ва нависед:
Номи модари Замира ... аст.
Номи модари Муниса ... аст.

Аз ҳамдигар номи падару модаратонро пурсед. Пурсиданро ҳатман аз саломи алейк оғоз кунед. Навиштани номи онҳоро машқ кунед.

## 8-УМИ МАРТ – РӮЗИ МОДАРОН

Эй модари ман,
Эй меҳрубонам,
Номи хуши ту –
Вирди забонам.
Меҳри ту доим
Дар ҷисму ҷонам.
Идат муборак!
Идат муборак!



Ман дар бари ту
Озода растам.
Меҳри дили худ
Бар ту бибастам.
Фарзанди дилбанд
Баҳри ту ҳастам.
Идат муборак!
Идат муборак!

**Наимҷон Назирӣ**

**вирди забонам** – ҳамеша дар забонам
**меҳри дил ба ту бибастам** – туро аз дилу ҷон дӯст доштам, хеле нағз дидам
**баҳри ту** – барои ту
**ғамкада** – ғамхона, хонаи ғам
**ғамхор** – меҳрубон

Туҳфаи мо барои модарҷонамон аъло хондан аст.

## ТУҲФА

Пагоҳ – рӯзи таваллуди модарам. Чиро туҳфа кунам, намедонам. Имрӯз падарам як коғазпеч овард. Онро оҳиста ба ҷевон гузошту калидашро ба киса андохт. Нишон надод. Аз пешонаам бӯсида, бо фахр гуфт:

– Пагоҳ рӯзи таваллуди модарат аст.

Албатта, туҳфаи қиматбаҳо будагист. Эҳ, модарам онро дида, чӣ хел хурсанд мешавад!

Акоям аз маоши аввалаш куртаи зебо овард. Як бари куртаро ба ман нишон дода, бо шавқ гуфт:

– Дидӣ, чӣ хел гулдӯзиҳо дорад! Мана, ин – офтоб, дар атрофаш – гулҳои рангоранг. Ана, инаш – кӯҳ, дар бараш – чашма...

Пагоҳ – рӯзи таваллуди модарам. Чиро туҳфа кунам, намедонам...

Падараму акоям туҳфаҳои худро пешкаш карданд. Ман дар гӯшаи диван бо сари хам ором нишастам. Модарам шодикунон омада, маро ба оғӯш кашид. Бӯсаборон карду гуфт:

– Бинед, Манучеҳр имрӯз чӣ хел бачаи қобил шудааст! Барои модар аз ин хубтар туҳфае магар ҳаст?

**Юсуфҷон Аҳмадзода**

**бо фахр** – бо сари боло
**қиматбаҳо** – бисёр қимат
**маош** – музди кор, пуле, ки барои кор мегиранд
**пешкаш карданд** – доданд
**гӯшаи диван** – кунҷи диван

Калимаҳои **туҳфа**, **пахта**, **модарҷон** ва **гулдаста**ро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

Ҳар як калима аз ҳиҷо иборат аст. Дар калима чанд овози садонок бошад, вай ҳамон қадар ҳиҷо дорад.

Ҳар як хонанда номи модарашро гуфта, бо ҳарфи аввали номи ӯ калимаи нав месозад.

**Намуна:**

Сарвиноз - себ...
Нигина - ном...
Моҳбибӣ - модар

Дар васфи модар шеър хонед.

Ман дар синфи якум мехонам. Дар паҳлуи ман Лайлӣ мешинад. Лайлӣ модар дорад. Номи модари Лайлӣ Шарофат аст.



Аз рӯйи машқи додашуда ҳамнишастатонро ба ҳамсинфон шинос кунед.

Гӯш кунед, хонед ва гӯед, ки ин суҳбат кай мешавад?

– Алишер бин: «шамбе». Ман дуруст навиштам?
– Не, Нигина, ҳарфи сеюмро «н» навиштан даркор.
– Охир «шамбе» мегӯем.
– «Шамбе» мегӯем, аммо «шанбе» менависем.
– Раҳмат.
– Саломат бош.



*М*

*м*

*Муаллими меҳрубон,*
*Меҳратон дар дилу ҷон.*

## СИНФИ МО



Аз рӯйи нақша ба саволҳо ҷавоб диҳед:

- Дар синф чанд тиреза ҳаст?
- Тахтаи синф дар куҷост?
- Синф чанд миз дорад?
- Мизҳо дар чанд қатор ҷойгир шудаанд?
- Дар синф барои чанд хонанда ҷой ҳаст?

Синфи худатонро мушоҳида карда, бо ҳамдигар саволу ҷавоб кунед:

- Дар синфи шумо чанд хонанда ҳаст?
- Дар синфи шумо чанд писару чанд духтар ҳаст?
- Синфи шумо чанд тиреза дорад?
- Устод дар куҷо мешинанд?
- Дар синфи шумо гулдон ҳаст?
- Синфи шумо боз чиҳо дорад?

Номи ашёи мактабиро хонед ва онҳоро аз рӯйи тартиби алифбо нависед:
дафтар, қалам, китоб, ҷадвал, ҷузвдон, ручка, бӯр, латта, тахтаи синф, мизу курсӣ, оина, либосовезак, дафтари синф, гулу гулдон, ҷевони китоб, соати деворӣ, қаламдон, компютер, магнитофон, сатил.



- Дар синфи шумо кадоме аз ин ашё нест?
- Боз кадом чизҳо дар синфи шумо ҳаст?
- Дар синфи шумо чанд мизу чанд курсӣ ҳаст?

Калимаҳои зеринро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед:

- дафтар, ҷадвал, китоб, ҷузвдон;
- оина, қаламдон, компютер;
- магнитофон, либосовезак.

## БАҲОР

Ба расм нигоҳ кунед ва нишонаҳои баҳорро гӯед:



Баҳор фасли зеботарини сол аст. Моҳҳои март, апрел ва май фасли баҳор аст. Баҳори Тоҷикистон сербориш аст. Баҳорро арӯси сол мегӯянд. Табиат хушу хуррам гашта, хониши мурғон ба кас ҳаловат мебахшад.

Дар фасли баҳор иди Наврӯз ҷашн гирифта мешавад.

## ФАЙЗИ БОРОН



Силсилаборон расид,
Тӯйи баҳорон расид.
Дар пуштаю кӯҳу тал,
Гулҳо кушода бағал,
Атри фаровон заданд,
Парчами алвон заданд.

**Латофат**

Нависед. Маънои байтро шарҳ диҳед:

Атри фаровон заданд,
Парчами алвон заданд.

Дар бораи аҳамияти борон суҳбат кунед.

Ҷавоби чистонҳоро ёбед. Фаҳмонед, ки онҳо ба ҳамдигар чӣ наздикӣ доранд.

Зар гилем, заргар гилем,
Аз ҳар чӣ вазнинтар гилем. (з*м*н)

Уштури гардандароз,
Меравад дуру дароз. (*бр)

Ба калимаҳои сутуни аввал аз сутуни дуюм калимаҳои муносиб ёфта, нависед:

| | |
|---|---|
| **либоси** | **сабз** |
| **дарахти** | **гарм** |
| **борони** | **равон** |
| **оби** | **баҳор** |

Хонед ва аз ёд кунед:

Шибир-шибир борон шуд,
Мавсими баҳорон шуд,
Ҳама ҷо гулистон шуд,
Вақти кори деҳқон шуд.

**Убайд Раҷаб**



Калимаҳоро хонед ва муқоиса кунед:

чиркин – тоза
хира – равшан
гарм – хунук

нав – куҳна
рӯз – шаб
дароз – кӯтоҳ

Ин хел одамро чӣ мегӯянд?

Ба хӯрдан тайёру ба кор бемор.

## БАҲОР ОМАД



Баҳор омад, садои булбул омад,
Насими фораму бӯйи гул омад.
Либоси сабзро саҳро ба бар кард,
Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.
Баҳор омад, чаман гулпӯш омад,
Дили мо, баччаҳо, дар ҷӯш омад.

**Мирзо Турсунзода**

**садо** - овоз
**насим** - бод, шамол
**форам** - хуш
**ба бар кард** - пӯшид
**кулоҳ** - тоқӣ, тӯппӣ

Соле, ки накуст, аз баҳораш пайдост.

## БАҲОРИ НОЗАНИН

Дашту даман гулпӯш шуд,
Боғу чаман гулпӯш шуд,
Бингар, чӣ гуна сар ба сар
Хоки ватан гулпӯш шуд

**даман** – саҳро

Омад баҳори нозанин
Бар ин диёри нозанин!

**диёр** – кишвар;
**нозанин** – зебо

Аз нав замин бедор шуд,
Айёми кишту кор шуд,
Абри баҳорӣ бар замин
Шодона гавҳарбор шуд!

**айём** – рӯзҳо,вақт

Омад баҳори нозанин
Бар ин диёри нозанин!

**Нозирҷон Боҳирӣ**

Донишманди бузургвор,
Панду ҳикматаш бисёр.
Бо ӯ агар шавӣ дӯст,
Гардад туро омӯзгор.



## РАҲМАТ БА ТУ, ДОДАРҶОН!

Фаридун бачаи доно ва қобил аст. Ӯ дар синфи дуюм мехонад. Вай ҳар рӯз вазифаи хонагиро иҷро мекунад. Як рӯз вай дарси математикаро иҷро мекард. Ду масъаларо ҳал кард. Аммо масъалаи сеюм мушкил буд. Ду бор кӯшиш кард, нашуд. Қаҳраш омад. Китобу дафтарро як тараф монд. Зиқ шуд. Ба худаш гуфт, ки пагоҳ ба мактаб намеравад. Ҳамин вақт овози додарчааш Эраҷро шунид. Додарчааш бо забони худаш «ағу-буғу» мегуфт. Фаридун ба хонаи дигар, ба пеши додарчааш рафт. Додарчааш дар гаҳвора бедор буд. Дар болои гаҳвора бозича овезон буд. Эраҷ дастакони фарбеҳакашро боло бурда, мехост бозичаро дорад. Аввал як дасташро боло кард. Нашуд. Баъд дасти дигарашро боло кард. Боз дасташ ба бозича нарасид. Фаридун хандиду наздиктар рафт.

Мазмуни шунидаатонро нақл кунед.

Фаридун хост, ки ба додарчааш ёрӣ диҳад. Аммо ҳамин вақт Эраҷ ҳар ду дасташро боло карду бозичаро дошт. Хушнудона садо бароварду ба акааш нигоҳ кард.

Фаридун фикр кард: додарчаам худаш ҳаракат карда бозичаро бо дастонаш қапид. Ман ҳам метавонам!

Вай зуд ба хонаи дигар гузашта, боз китобу дафтари математикаро кушод. Ин дафъа ӯ худаш масъаларо ҳал кард. Хурсанд шуду боз ба пеши додарчааш рафт. Эраҷро оғӯш карда, аз рухсораҳояш бӯсид. Бо меҳрубонӣ гуфт:

– Раҳмат ба ту, додарҷон!

Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз рӯйи мазмуни ҳикоя сетоӣ ҷумла тартиб диҳед:

**Намуна:** Фаридун дарс тайёр мекард.

| | | |
|---|---|---|
| **Фаридун** | дарс | тайёр мекард. |
| | ду масъаларо | ҳал кард. |
| | ба додараш | “раҳмат” гуфт. |
| | масъалаи сеюмро | ҳал накард. |
| **Эраҷ** | бозичаро | доштан мехост. |
| | дар гаҳвора | мехобид. |
| | дафъаи сеюм | бозичаро дошт. |
| | ба акааш | нигоҳ кард. |

Фаҳмонед, ки барои чӣ Фаридун ба додарчааш **раҳмат** гуфт.

Дар кадом ҳолатҳо мо бояд **раҳмат** ё **ташаккур** гӯем?

ф

ф

Фаридун бачаи доно аст.

Аз калимаҳои сутуни аввал ҳиссаи додашударо тарҳ кунед, ба ҳиссаи боқимонда ҳарфу ҳиҷоҳои сутуни дигарро ҷамъ карда, калимаҳои навро ёбед ва нависед:

Намуна: мониш – иш = дон; дон + о = доно.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| дониш | – | иш | + | о | = | доно |
| қадам | – | дам | + | лам | = | |
| маккор | – | кор | + | таб | = | |
| устохона | – | хона | + | д | = | |

## ЭЙ ТОҶИКИСТОН!

Мо, тоҷикон, як оламем,
Ҷамъу парешон бо ҳамем.
Дар ин замини файзбор
Аз файзи меҳраш хуррамем.

Эй Тоҷикистон, ҷони мо,
Эй марзи пурэҳсони мо,
Ту хонаи уммеди дил
Ҳам қиблаи имони мо.

Мо бо рафоқат зиндаем,
Мо бо садоқат зиндаем.
Ишқи Ватан – дар синаҳо,
Мо бо муҳаббат зиндаем.

Эй Тоҷикистон, ҷони мо,
Эй марзи пурэҳсони мо,
Ту – хонаи уммеди дил
Ҳам қиблаи имони мо.

**Сайидалӣ Маъмур**

**садоқат** - вафодорӣ
**рафоқат** - дӯстӣ
**муҳаббат** - ишқ, меҳр
**имон** - бовар



# ИДИ НАВРӮЗ

Аз рӯйи сурат дар бораи дастархони наврӯзӣ суҳбат кунед.

**Бародар, рӯзи наврӯзат муборак!**
**Баробар шуд шабу рӯзат, муборак!**

Наврӯз аслан аз ду калимаи тоҷикӣ «нав» ва «рӯз» иборат аст, маънии он рӯзи нав аст. Мардуми Шарқ онро оғози соли нав мегӯянд.



Дар Наврӯз шабу рӯз баробар мешаванд.

Дар Тоҷикистон иди Наврӯз ба оғози баҳор ва мавсими киштукор рост меояд. Деҳқонон ба саҳро мебароянд. Пирони кордида ба замин донаи умед мепошанд. Киштукор оғоз меёбад. Иди Наврӯз суннатҳои бисёр дорад. Одамон либосҳои идона мепӯшанд. Хонаҳоро тоза мекунанд.

Аз калимаҳо ва ибораҳои пароканда ҷумла созед: пирони кордида, донаи умед, мепошанд, ба замин. суннатҳои бисёр, иди Наврӯз, дорад.

| | |
|---|---|
| **мавсим** – вақт | **суннат** – расму одат |

• Иди Наврӯзро кай ҷашн мегиранд?
• Кадом суннатҳои наврӯзиро медонед?

**Бозии наврӯзӣ:** Хонандагон дар давра нишаста, таомҳои миллиро бо навбат номбар мекунанд. Агар ғалат ё такрор кунанд, ягон ҳунаре аз худ нишон медиҳанд (масалан, рақс мекунанд, ё дар васфи Наврӯз ягон шеър мехонанд).

Наврӯз иди миллии мост.
Дар Наврӯз шабу рӯз баробар мешаванд.

Бо ҳар ҳарфи калимаҳои **НАВРӮЗ** ва **БАҲОР** калимаҳои нав созед ва нависед.

| Н | А | В | Р | Ӯ | З |
|---|---|---|---|---|---|
| А | | | | | |
| В | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

| Б | А | Ҳ | О | Р |
|---|---|---|---|---|
| | | | Д | |
| | | | А | |
| | | | М | |
| | | | О | |
| | | | Н | |

Шеърро аз ёд кунед.

Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.



## ТАКРОРИ БОБИ “МАКТАБ”





Азизҷону Азиза аз боғи **МАКТАБ** бисёр чизҳоро ёд гирифтанд. Онҳо бо шавқи зиёд ба сӯйи боғи навбатӣ рафтанд.

Бобои Хирад аз дидани бачаҳо шод шуд. Дар дасти ӯ калиди боғи **БӮСТОН** буд. Ӯ бачагонро бо хурсандӣ пешвоз гирифт.

– Салом, бачаҳо! Ку гӯед, аз боғи **МАКТАБ** чиҳоро ёд гирифтед?

Азизҷону Азиза бо навбат ҷавоб доданд:

– Мактаб макони дониш аст.

– Мактаб макони таълиму тарбия аст.

– Устод шогирдони худро дӯст медорад.

– Устод бачагонро ба роҳи нек равона мекунад.

– Китоб беҳтарин дӯсти одам аст.

– Ҳама ашёи мактабиро бояд эҳтиёт кунем.

Бобои Хирад хурсанд шуду гуфт:

– Офарин, бачаҳо! Акнун ин панди маро ҳамеша дар хотир доред:

Агар устод шуморо сарзаниш кунад, аз ӯ наранҷед. Устод ҳамеша мехоҳад, ки шумо доно шавед, қобил шавед, ҳунарманд шавед.

Акнун ман ба шумо калиди боғи ҳақиқиро медиҳам. Ҳамон боғе, ки дар он дарахтон месабзанду гулҳо мерӯянд. Боғе, ки пал дорад. Дар пал сабзавот мерӯяд. Аммо ба шумо як вазифа месупорам: Дар байни дарахтон дарахте ҳаст, ки онро Дарахти зиндагӣ мегӯянд. Ҳар касе, ки меваи онро хӯрад, ҳеҷ гоҳ пир намешавад, ҳамеша зинда мемонад. Албатта, онро пайдо кунед ва меваашро ба даст оред.

Азизҷону Азиза ба бобои Хирад ташаккур гуфта, ба сӯйи боғи нав – боғи **БӮСТОН** раҳсипор шуданд.






Аз рӯйи расм суҳбат кунед.



## ОФТОБ ВА ОФТОБПАРАСТ



Ҳар субҳи содиқ офтоби оламоро аз паси кӯҳҳои баланд намоён мешуд.

Рӯзе дид, ки офтобпарасте ба вай бо меҳри зиёд нигоҳ мекунад. Гуфт:

– Чаро ба ман бисёр менигарӣ?

– Чунки туро дӯст медорам.

– Ман ҳам туро дӯст медорам.

– Пас, биё, дӯст шавем!

Аз ҳамон рӯз офтобу офтобпараст бо ҳам дӯст шуданд.



## БОҒИ МО – БОҒИ КАЛОН

– Ҷое, ки мо имрӯз омадем, чӣ ном дорад?
– Боғ ном дорад.
– Дар боғ чиҳо мерӯянд?
– Дарахт, бутта, гулу гиёҳҳо мерӯянд.
– Як гӯш андозед, овози чиҳоро мешунавед?
– Овози парандаҳоро.
– Боғро кӣ нигоҳубин мекунад?
– Боғбон.

Хонед ва нависед:
- боғ, боғбон, дарахт, гул, сабза, паранда;
- калон, сабзу хуррам, зебо, форам.

Ҷумла созед.
Намуна: Боғи мо зебо аст.

| | | |
|---|---|---|
| | сабзу хуррам | |
| Боғи мо | калон | аст. |
| | зебо | |
| | сердарахт | |

*И*
*и*
*Боғи мо сабзу хуррам аст.*

Хонед ва аз ёд кунед:

Эй себаки хубонӣ,
Мисли маҳи тобонӣ.
Чун лолаи сурх астӣ,
Хушбӯй, сари дастӣ.



**маҳи тобон** – моҳи пурнур, равшан

# ПАНДИ ЗИНДАГӢ





Азизҷону Азиза тамошокунон ба ҷое расиданд, ки як мӯйсафеди нуронӣ ниҳол мешинонд. Азизҷон бо завқ пурсид:

– Салом, species бобоҷон, мебахшед, Шумо чӣ мешинонед?

– Салом, писарҷон! Салом, духтарҷон! Ниҳоли себ мешинонам.

Азиза пурсид:

– Бобоҷон, ин ниҳол кай мева медиҳад?

– Худо хоҳад, пас аз чор-панҷ сол ҳосил медиҳад.

Азизҷон каме фикр карду гуфт:

– Мебахшед, бобоҷон, як чиз пурсам, намеранҷед?

– Пурсидан гир, ҷони бобо.

– Бобоҷон, Шумо пир шудед, дандон ҳам надоред, охир аз меваи ин дарахт намехӯред-ку?

– Писарҷон, падарони мо шинонданд, мо хӯрдем, акнун мо мешинонем, то ки фарзандони мо хӯранд.

– Раҳмат, бобоҷон, мо ҳам калон шавем, албатта ниҳол мешинонем! – бо хушҳолӣ гуфтанд Азизҷону Азиза.



Суҳбати болоро аз рӯйи нақшҳо иҷро намоед. Кӯшиш кунед, ки оҳанги сухан риоя шавад.

Номи меваҳоро ба хотир оред. Ба ҷойи аломати савол як ҳарфи заруриро гузошта, калима созед ва нависед.

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Н | | ? | | А | ? | А | Н | А | | О | | Б | ? | П | |
| | ? | | Е | | О | | Г | Н | Р | ? | | | Д | ? | А |
| К | | | Б | | Р | Р | ? | Ҷ | ? | | У | М | О | С | Т |

## МЕВАҲОИ ВАТАНИ МО

Меваҳоро номбар кунед:



- Ангур аз мавиз чӣ фарқ дорад?
- Себу нок аз бодому чормағз чӣ фарқ дорад?

**Меваҳо ду хел мешаванд: тар ва хушк.**
**Меваҳои тар:** себ, олу, шафтолу, нок...
**Меваҳои хушк:** чормағз, бодом, писта, мавиз...

П

п

Парвина себ мечинад.

Хонед ва нақшҳоро иҷро кунед:

## МАСЛИҲАТ



– Салом, Замира!
– Салом, Фарангис!
– Замира, биё, ба боғ равем.
– Ман розӣ. Ба кадом боғ меравем?
– Ба боғи бобоям.
– Чӣ, бобоят боғбонанд?
– Бале.
– Чӣ хел нағз! Биё, рафтем!

## ДАР БОҒ

– Ваҳ, чӣ хел боғи зебо!

– Замира, ту номи дарахтонро медонӣ?

– Ҳа. Ана ин – дарахти себ, он – дарахти нок.

– Ҳо, ана вай-чӣ?

– Вай – дарахти ангур.

– Дугонаҷон, дуруст, вай – дарахти ангур, лекин онро ток мегӯянд. Ин дарахтон-чӣ?

– Инаш – сафедор, он – чинор. Лекин инашро намедонам.

– Инаш маҷнунбед аст.

– Номи аҷоиб. Ту аз куҷо медонӣ?

– Бобоҷонам ба ман ёд додаанд.

Очааш каҷу килеб,
Бачааш ширу шакар.



Току • • • • •

Дарахтон ду хел мешаванд:
**мевадор** ва **бемева.**
Дарахтони мевадор: себ, нок, анор, олу...
Дарахтони бемева: сафедор, бед, чинор...

## ГУЛҲОИ ВАТАН

## САДБАРГ – МАЛИКАИ ГУЛҲО



Садбарг гули нозуку зебост. Онро ба хотири нозукияш, бӯйи хушу форамаш дар тамоми олам дӯст медоранд. Онро барои зебоияш дар кӯчаю гулгашт ва боғҳо мешинонанд. Дастагули садбарг барои модарону хоҳарон беҳтарин туҳфа аст.

## СУНБУЛ

Фасли баҳорон
Паҳлуи лола
Бишкуфт сунбул
Дар рӯйи ёла.
Дар рӯйи ёла
Борон биборад,

Сунбул валекин
Парво надорад.
Чатре чу дорад
Аз лола бар сар,
Аз оби борон
Кай мешавад тар?

**Сайидалӣ Маъмур**

Аз калимаҳои ифодакунандаи ном ва сифатҳои дарахтону гулҳо калимаҳои ҳарфҳои **у**, **ӯ**, **и** ва **й** доштаро нависед.



Ш

ш

Гули бунафша, гули садбарг,

гули сияҳгӯш, гули хушбӯй.

## ГУЛДАСТА



Ин ҳавлии мо
Боби тамошо!
Гулҳои хушрӯ,
Гулҳои хушбӯ.
Биё, дугона,
Бо ман ба хона.
Аз **гули саврӣ**,
Аз **гули хайрӣ**,
Аз **гули қоқо**,
Аз **гули раъно**,
Аз **садарайҳон**,
**Ошиқи печон**.
Як даста баста,
Диҳам гулдаста!

**Озод Аминзода**



Аз шеър номи гулҳоро ҷудо карда, нависед.



Рафтам саҳро, ёфтам гиёҳ.
Пӯсташ сафед, мағзаш сиёҳ.

**сиёҳ +** 

## КӢ БИСЁРТАР КАЛИМА МЕЁБАД?





**Я**

**ях, ...,**

**Ё**

**ёл,...,**

**Ю**

**Юнус, ...,**

# ГУФТУГӮ БО ДАРАХТ



Ба ҳиҷоҳои сутуни якум аз сутуни дуюм ҳиҷоҳои заруриро ёфта, калима созед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| да | барг | тар | лос |
| боғ | гур | ан | ва |
| сад | рахт | ме | ҳӣ |
| ан | бон | би | буз |
| гул | зор | ге | ҷир |

– Салом, дарахт!
– Салом, духтарҷон!
– Номи ту чист?
– Номи ман чинор аст. Духтарҷон, номи ту чист?
– Номи ман – Лола. Чинор, биё суҳбат мекунем.
– Бале, ман розӣ.
– Ту чандсолаӣ?
– Ман садсолаам.
– Фоидаат чист?
– Дар зери сояи ман одамон нишаста, дам мегиранд. Дар ҳавои гарм соя мекунам, ҳаворо тоза нигоҳ медорам.
– Чинорҷон, розӣ бошӣ, ман ҳам каме дар сояат истироҳат кунам.
– Ман розӣ, фақат зери сояи маро ҳамеша тозаю озода нигоҳ дор.

Мактаби мо боғ дорад. Дар боғ дарахтони мевадор ва бемева месабзанд. Бачаҳо ба боғ омаданд. Онҳо дар боғ кор карданд. Духтарон ба чидани мева ёрӣ расонданд. Мо боғи мактабро сабзу хуррам мекунем.

# БАРАКАТИ ЗАМИН

Меваҳо, сабзавот ва маҳсулоти полезиро номбар кунед. Онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, ба дафтар нависед:



Шумо кадом гулҳоро дӯст медоред? Рангу бӯю барги онҳоро тасвир кунед.

Ман дар синфи якум мехонам. Гулҳоро дӯст медорам. Дар хона гулҳои бисёр парвариш намудаам. Ҳар рӯз ба онҳо об медиҳам. Барои синфамон гулҳои зебои хушбӯй овардам. Аз ин кори ман ҳамсинфон ва устод хурсанд шуданд.

Аз рӯйи суратҳо ҷавоби чистонҳоро ёбед:

Ширину бомаза,
Бе алав мепаза.



Худаш дар дарун,
Ришаш дар берун.



Гар даҳонаш во шавад,
Бӯйи хуш пайдо шавад.



## ҲИФЗИ ТАБИАТ

**Табиат чист?**
Он чи ки дар гирду атроф мебинем:
кӯҳу дарё, дашту саҳро, дарахтону ҳайвонот.
**Ҳифзи табиат чист?**
- Нашикастани шохи дарахтон;
- ниҳол шинондан;
- парвариши гулу гиёҳҳо, ниҳолу буттаҳо;
- дӯст доштани парандагон, ғамхорӣ ба онҳо;
- дӯст доштани ҳайвонҳо, ғамхорӣ ба онҳо;
- тоза нигоҳ доштани об ва сарфа кардани он;
- тозаю озода нигоҳ доштани ҳавлию майдонҳо;
- дӯст доштани ҳама мавҷудоти табиат.

Табиат мекунад моро табобат.

Ребусҳоро хонед, калимаҳои ҳосилшударо нависед:

100 +  = ?

3 +  + а = ?

Аз ҳарфҳои пароканда номи чор меваро нависед.



Се дугона, як бегона. Дар байни калимаҳои ҳар гурӯҳ се чизи ба ҳам наздик ва як чизи бегона ҳаст. Бегонаро берун кунед ва дугонаҳоро нависед. Фаҳмонед, ки он барои чӣ бегона аст.

- себ, анор, ток, бед;
- лола, каду, сияҳгӯш, садбарг;
- помидор, боимҷон, райҳон, бодиринг;
- картошка, шибит, кашниз, пиёзи кабуд;
- пиёз, сабзӣ, шалғам, биринҷ;
- бодом, чормағз, олу, писта;
- бед, анҷир, сафедор, чинор.

- Ба хотир оред, ки бобои Хирад ба Азизҷону Азиза чӣ супориш дода буд.
- Дарахти зиндагӣ чӣ хусусият дошт?
- Азизҷону Азиза дар **БӮСТОН** чиҳоро диданд?
- Шумо аз ин боб кадом шеърҳоро аз ёд кардед?

## ДАРАХТИ ЗИНДАГӢ
(Мазмун аз Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ)

Азизҷону Азиза бо шавқу завқи зиёд боғи **БӮСТОН**ро омӯхтанд. Онҳо мехостанд, ба назди бобои Хирад баргарданд ва калиди боғи навбатиро гиранд. Аммо ногаҳон ба ёдашон расид, ки бобои Хирад гуфта буд: “Дар байни дарахтзор дарахте



ҳаст, ки онро Дарахти зиндагӣ мегӯянд. Ҳар касе, ки меваи онро хӯрад, ҳеҷ гоҳ пир намешавад, ҳамеша зинда мемонад. Албатта онро пайдо кунед ва меваашро биёред».

Онҳо дар ҷустуҷӯйи ин дарахт шуданд. То бегоҳ ҳама ҷоро кофтанд, аммо наёфтанд. Аз ҳама пурсиданд. Ҳеҷ кас намедонист, ки Дарахти зиндагӣ дар куҷост. Ночор ба назди бобои Хирад омаданд.

Онҳо медонистанд, ки бобои Хирад инсони хуб аст. Ӯ бачаҳоро сарзаниш намекунад, балки ёрӣ медиҳад.

✓ Мазмуни матни шунидаатонро нақл кунед. Ба фикри шумо, бобои Хирад бачаҳоро сарзаниш мекунад ё ба онҳо ёрӣ медиҳад?

## ТАКРОРИ БОБИ «БӮСТОН»



Ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шавед. Нақшҳои **Гӯянда, бобои Хирад**, **Азизҷон** ва **Азиза**ро интихоб карда, матнро хонед:







**Гӯянда:** Бобои Хирад бачаҳоро бо табассум пешвоз гирифт. Азизҷону Азиза бо сари хам гуфтанд, ки Дарахти зиндагиро наёфтанд. Бобои Хирад онҳоро оғӯш карда, гуфт:

**Бобо:** – Ман ба шумо мегӯям, ки он дарахт дар куҷост. Аммо барои ин шумо бояд ба саволҳои ман ҷавоб диҳед.

**Азизҷон:** – Мо розӣ!

**Бобо:** – Дарахтон чанд хел мешаванд?

**Азиза:** – Ду хел: мевадор ва бемева. Себ, анор, шафтолу, чормағз – дарахтони мевадор; сафедор, бед, арча, чинор – бемева.

**Бобо:** – Меваҳо чанд хел мешаванд?

**Азизҷон:** – Ду хел: меваи тар – ангур, себ, олу, анор, биҳӣ; меваи хушк – бодом, писта, чормағз. Боз аз меваи тар меваи хушк тайёр мекунанд: аз ангур – мавиз, аз тут – тутмавиз, аз зардолу – зардолуқоқ.

**Бобо:** – Офарин! Кабудӣ гуфта чиҳоро мегӯем?

**Азиза:** – Райҳон, шибит, кашниз, пиёзи кабуд.

**Бобо:** – Кадом маҳсулот полезӣ аст?

**Азизҷон:** – Бодиринг, боимҷон, помидор, қаланфури булғорӣ, тарбуз, харбуза.

**Бобо:** – Ҳифзи табиат чист?

**Азиза:** – Парвариш ва ғамхорӣ ба дарахтону гулҳо, ҳайвоноту парандагон. Тоза нигоҳ доштани манзилу макон.

**Гӯянда:** – Бобои Хирад бачагонро бо меҳр оғӯш карду бӯсид ва гуфт.
**Бобо:** – Бачаҳо, он дарахте, ки ман гуфтам, **ДОНИШ** ном дорад. Касе ки дониш дорад, пир намешавад, намемирад. Шумо ниҳоли он дарахтро ба даст овардед. Акнун онро парвариш кунед, то ки мева диҳад.
**Гӯянда:** Инро гуфту ба дасти бачаҳо калиди боғи дигар – боғи **ҲАЙВОНОТ**ро дод.




Дар расм кадом ҳайвонҳоро мебинед?

Ба суратҳо нигоҳ карда номи ҳайвонотро гӯед ва беғалат ба дафтар нависед.



**ҳайвонот –** ҳайвонҳо

Ҳайвоноте, ки дар хона ва ҳавлӣ парвариш меёбанд, **ҳайвоноти хонагӣ** ном доранд.

Аз суратҳо ҳайвоноти хонагиро ҷудо карда, номи онҳоро ба дафтар нависед.

Дар бораи ҳайвони дӯстдоштаи худатон суҳбат кунед. Гӯед, ки барои чӣ шумо ин ҳайвонро дӯст медоред. Ҳайвони дӯстдоштаатонро аз рӯйи намуди зоҳириаш тасвир кунед.

Аз рӯйи намуна ҷумлаҳо тартиб диҳед:

Саг дӯсти одам аст.

## ГУРГ ВА БУЗ



Гург дид, ки бузе дар болои кӯҳ чарида гаштааст. Вай хост, ки ба болои кӯҳ барояд, аммо натавонист.

Гург аз поён ба буз гуфт:

– Бузҷон, ба поён фуро, ин ҷо сабзаю майса зиёд аст.

Буз гуфт:

– Медонам, ту ғами маро намехӯрӣ, ғами шикаматро мехӯрӣ.

- Гург аз буз чӣ хоҳиш кард?
- Ту ғами шикаматро мехӯрӣ чӣ маъно дорад?
- Агар буз ба гапи гург гӯш мекард, чӣ мешуд?

Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои заруриро гузошта, калимаҳоро хонед ва нависед:

**1)** б • лб • л, г • рг, б • з, ш • т • р, майм • н;
**2)** г • в, мурғ • бӣ, рӯб • ҳ, уқ • б;
**3)** с • г, гурб • , • сп, к • бӯт • р, с • нгпушт.

Номбар кунед:

1. Номҳои ҳайвонотеро, ки ҳарфи ӯ доранд;
2. Номҳои ҳайвонотеро, ки ҳарфи у доранд.

- Шумо дар хона саг, гурба, гов, гӯсфанд, ягон паранда доред?
- Онҳо ном доранд?

Мо баъзан ба ҳайвонҳо ҳам ном мегузорем. Номи ҳайвонҳо низ бо ҳарфи калон сар мешавад.

У

у

Умри дурӯғ кӯтоҳ аст.

## ПОДАБОН

Падари Карим – Салимбобо подабон аст. Дар пода гову гӯсолаҳо мечаранд. Салимбобо асп ҳам дорад. Номи аспи ӯ Рахш аст. Салимбобо бо аспаш подаро бонӣ мекунад. Салимбобо як саг ҳам дорад. Сагаш Малла ном дорад. Саг ба-

рои бонӣ кардани пода ба Салимбобо ёрӣ медиҳад. Гову гӯсолаҳоро аз чанголи гургу шағол муҳофизат мекунад. Салимбобо аспу сагашро дӯст медорад.

**чарандагон** – ҳайвоноте, ки мечаранд: гов, гӯсола, буз...

Номи ҳайвонҳоро нависед ва аз рӯйи намуна ҷумла созед:

Намуна: Номи саги ман Хайбар аст.

Зирак, Рахш, Саманд, Даванд, Алопар, Малла, Полвон, Ҳушёр, Хайбар, Мошон.

Ба гурӯҳҳо ҷудо шавед. Ҳар гурӯҳ як ҳайвонро интихоб мекунад. Ба он бо маслиҳат ном гузоред. Дар таърифи ҳайвони интихобкардаи худ чанд ҷумла гӯед.






**Бачаҳо!** Ин бозиро **Хоначаҳои сеҳрнок** мегӯянд. Ба он бодиққат назар кунед ва сеҳри онҳоро нишон диҳед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Р | А | В | О | Н |
| А | Н | О | Р | А |
| В | О | Ҳ | И | Д |
| О | Р | И | Ф | А |
| Н | А | Д | А | В |

Кӣ тез гуфта метавонад?
**Ёли аспам лойолуд.**



Ба гурӯҳҳо ҷудо шавед. Ба ҳар ҳарфи калимаҳои зерин номи ҳайвоноти дигарро ёфта нависед:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| С | | | | | |
| А | | | | | |
| Н | | | | | |
| Ҷ | | | | | |
| О | | | | | |
| Б | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Г | | | | | |
| Ӯ | | | | | |
| С | | | | | |
| О | | | | | |
| Л | | | | | |
| А | | | | | |

## ПАРАНДАГОН ДӮСТОНИ МОЯНД

Парандаҳо, биёед
Пеши тирезаи мо!
Мунтазири шумоянд
Нонҳои резаи мо.
Кабӯтарҳо, бишинед,
Донаҳоро бичинед.

**Абулқосим Лоҳутӣ**



**парандагон** – ҷонвароне, ки парвоз мекунанд (мепаранд): кабӯтар, булбул, парасту...



Ман як гурбача дорам. Номаш Мошон аст. Мошон гурбачаи алояку донояк аст.

Дар боғи мо парандагон бисёранд. Ҳар саҳар мо хониши форами онҳоро мешунавем. Онҳо дар болои дарахтон лона сохта, зиндагӣ мекунанд. Мо медонем, ки барои онҳо хӯрок ёфтан мушкил аст. Ана барои ҳамин як лонача сохта, дар дарунаш арзану нонреза мегузорем. Онҳо парида омада, донаҳоро мечинанд. Баъд бо овози форам суруд хонда, ба сӯйи дарахтон парвоз мекунанд. Модарам мегӯянд, ки маънои ин овозашон «раҳмат» аст.

Дар ин мавзӯъҳо суҳбат кунед:

- Кадом парандаҳоро медонед?
- Шумо ба парандаҳо чӣ гуна ғамхорӣ мекунед?

Номи парандаҳоро бо тартиби алифбо нависед.



*Е*

*е*

*Кабӯтарҳо, бишинед,*
*Донаҳоро бичинед.*

## ДУ МАГАС



– Ту аз чӣ ғамгинӣ?

– Ман гуруснаам. Ту аз чӣ хурсандӣ?

Магаси хурсанд гуфт:

– Ман дар хона писаракеро дидам, ки мураббо мехӯрд. Ба назарам, писараки нағз намуд. Бахил не. Моро киш намегӯяд. Мурабборо мерезонад. Пиёларо намешӯяд. Мехоҳам, ки ҳамаи магасҳоро хабардор кунаму онҳо ҳам рафта, мураббо хӯранд. Ту ҳам зуд он ҷо бирав!

Магаси ғамгин хурсанд шуд...

**Тозагӣ – гарави саломатӣ.**

- Ба фикри шумо, оқибат чӣ мешавад?
- Шумо ҳам мисли он бача шудан мехоҳед?

Ба ҳиҷоҳои сутуни якум аз сутуни дуюм ҳиҷои заруриро ёфта, номи парандаҳо ва ҳайвонотро ба дафтар нависед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| май | бул | рӯ | ба |
| санг | тӣ | гур | фанд |
| бул | мун | хар | боҳ |
| тӯ | пушт | гӯс | гӯш |



## Чистон

Сӯзандони раҳгардон
Пури сӯзан сӯзандон. **(ҷа • ра)**

Шеър ва чистонро хонед.
Суратҳо дар ҷойи худ ҳастанд ё не?



Аз бахмали сурху сафед
Маҳин-маҳин холаки ту.
Ранг ба рангу хушҷило,
Абрешимин болаки ту.

Шаҳпараки рӯйи баҳор,
Шаҳпараки бӯйи баҳор.

**Латофат**



Калима созед:

**о** { дил / ___ / ___ } { ___ / шо / ___ } **на**

## БУЛБУЛ

Булбул парандаи хурдакаки зебову хушовоз аст. Ин парандаи мавсимӣ аст. Дар авҷи баҳор ба кишвари мо парида меояд. Мо булбулро набинем ҳам, аз овозаш мешиносем.



Як ҷонваре бидидам,
Аҷаб зебо сарояд.
Сари шоха нишаста,
Шабро саҳар намояд.

Моҳӣ ба шумо чӣ гуфтан мехоҳад?



**Хонед ва нависед:**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| духтар | – | дугона | – | рафиқа | } | **дӯст** |
| писар | – | ҷӯра | – | рафиқ | | |

## ДЕҲҚОН ВА ХИРС



Рӯзе аз рӯзҳо як хирс бо деҳқоне ошно шуд ва онҳо маслиҳат карданд, ки ҳамроҳ шалғам коранд.

Деҳқон гуфт:

– Хирсҷон, решаи шалғамро ман мегирам, баргашро ту.

Дар фасли тирамоҳ ҳосили фаровон гирифтанд. Деҳқон мувофиқи шарт решаҳои шалғамро худаш гирифту ба хирс баргҳояшро дод. Хирс норозӣ шуд, аммо чизе гуфта натавонист.

Соли дигар деҳқон ба хирс гуфт:

– Биё, боз ҳамроҳ ягон чиз мекорем.

– Ман розӣ! Фақат ин дафъа ту баргҳоро гиру ба ман решаашро деҳ, – шарт гузошт хирс.



Деҳқони гапдаро гуфт:

– Хуб, гуфти ту шавад.

Онҳо гандум коштанд. Ҳосили фаровон рӯйид. Деҳқон хӯшаҳои гандумро гирифт, хирс – решаҳои онро.

Аз ҳамон вақт дӯстии деҳқон ва хирс барҳам хӯрд.

Афсонаро бо иҷрои нақшҳо хонед.

Меваи кадом рустаниҳо дар рӯйи хок ва кадомашон дар зери хок аст, номбар кунед.

- Деҳқон ва хирс чӣ маслиҳат карданд?
- Бори дуюм чӣ ҳодиса рӯй дод?
- Чаро дӯстии деҳқону хирс барҳам хӯрд?

Калимаи **хирс**ро бо иваз кардани як ҳарф зина ба зина ба калимаи **зина** табдил диҳед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| х | и | р | с |
| х | и | р | • |



| | | | |
|---|---|---|---|
| х | и | р | а |
| • | и | р | а |

| | | | |
|---|---|---|---|
| з | и | р | а |
| з | и | • | а |

Кӣ бошад ин паҳлавон,
Паҳлавони бешабон,
Хоболуди зимистон,
Марди кори тобистон? **(х • р •)**

**ТЕЗГӮЯК**

Замира зира захира кард.

Деҳқон ва хирс ҷӯра шуданд. Онҳо якҷоя шалғам коштанд. Фасли тирамоҳ ҳосили фаровон гирифтанд.

Хислатҳои одаму ҳайвонро аз рӯйи ҳикояти «Деҳқон ва хирс» муайян кунед:




**Варзиши ақл:**

**1.** Кӣ? Деҳқон.
**2.** Чӣ хел? Меҳнатдӯст, кордон.
**3.** Чӣ кор кард? Кошт, даравид, ҳосил гирифт.
**4.** Деҳқони меҳнатдӯст гандум кошт.
**5.** Кишоварз.

Аз калимаи сутуни аввал ҳарфу ҳиҷоҳои сутуни дуюмро тарҳ карда, ба он ҳиҷоҳои сутуни сеюмро ҷамъ кунед. Калимаи ҳосилшударо дар сутуни холии охир нависед:
Намуна: майна – на = май; май + мун = маймун

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| майна | - | на | + | мун | = | маймун |
| гӯсола | - | ола | + | фанд | = | |
| гург | - | г | + | ба | = | |
| мор | - | р | + | ҳӣ | = | |
| харсанг | - | хар | + | пушт | = | |

## ТАКРОРИ БОБИ «ҲАЙВОНОТ»





Азизҷону Азиза аз тамошои боғи **ҲАЙВОНОТ** **курта-курта гӯшт гирифтанд**. Онҳо хурсанд шуданд, ки бисёр чизро омӯхтанд. **Қавл доданд**, ки хондану омӯхтанро давом медиҳанд. Дар хона бо бозичаҳояшон камтар бозӣ мекарданд. Дар вақти бозӣ бо дӯстонашон дар бораи чизҳои дидаашон саволу ҷавоб мекарданд. Бачаҳои дигар низ ба доноӣ ва шеърхонии Азизҷону Азиза ҳавас карда, кӯшиш мекарданд, ки бо онҳо баробар шаванд.

Бобои Хирад ба дасти онҳо калиди боғи навбатӣ – боғи **ДЕҲА**ро дод. Онҳо ба деҳа **ворид шуданд**.



Бачаҳо! Маънои ҳар яке аз навиштаҳои зерин ба маънои қисматҳои ишорашуда баробар аст. Онҳоро ёбед, ба дафтар нависед ва ба хотир гиред:

- Ваъда доданд;
- Даромаданд;
- Бисёр хурсанд шуданд.



# ДЕҲИ МО ҶОЙИ КОР АСТ

Деҳа надорад ором
Аз субҳ то дами шом.
Кори деҳа бисёр аст,
Дасти ҳама ба кор аст:
Яке сӯйи пуштаҳо
Рамаро барад чаро.
Об яке мемонад,
Тут яке таконад.
Пухтаст донаи ҷав,
Яке машғули дарав,

Яке хирман мекӯбад,
Яке хирман мерӯбад.
Яке каҳ мекашонад,
Яке замин меронад.
Яке ҷома медӯзад,
Яке сабақ омӯзад.
Кори деҳа бисёр аст,
Деҳи мо ҷойи кор аст.
Касе агар бекор аст,
Ҳама аз ӯ безор аст.

**Убайд Раҷаб**

Дар бораи сифатҳои деҳа суҳбат кунед.

## ДЕҲА

Деҳаи Лолазор дар соҳили дарё ҷойгир аст. Бобоям дар ин деҳа зиндагӣ мекунад. Деҳа обу ҳавои форам дорад. Дар фасли баҳор талу теппаҳо лолазор мешаванд. Дар ин фасл деҳа хеле зебост. Деҳаи Лолазор пур аз боғҳои мевадор аст. Дар киштзор ҳар баҳор гандуму шолӣ ва ҷуворимакка мекоранд.



Ҷумлаҳоро муқоиса кунед. Барои чӣ дар ҷумлаи аввал калимаи **Лолазор** бо ҳарфи калон ва дар ҷумлаи дуюм бо ҳарфи хурд навишта шудааст?

- Деҳаи Лолазор дар соҳили дарё ҷойгир аст.
- Баҳорон талу теппаҳо лолазор мешаванд.

Ҳарфи аввали номи деҳа, мисли номи одамон ва ҳайвонот бо **шакли калон** навишта мешавад.

Ҳарфҳоро ҷобаҷо гузошта, калима тартиб диҳед ва нависед:

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| д | а | ҳ | ш | р | ё | л | о | л | а |
| е | ҳ | р | а | а | д | а | л | г | а |

Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфи мувофиқро гузошта, хонед:

**УҚОБ**

Уқоб парандаи калон • усса мебошад. Пан • аҳои он бисёр сахту қавӣ аст. Уқоб • онварони хурдро сайд мекунад.



**қавӣ** – пурзӯр
**сайд кардан** – шикор кардан
**калонҷусса** – хеле калон

Зарбулмасалҳоро хонед ва аз ёд кунед:

Аввал андеша, баъд гуфтор.

• • •

Аввал бубин ҷойи худ,
Баъд бимон пойи худ.

Л л

л

Асал – доруи касал.

- Деҳа аз шаҳр чӣ фарқ дорад?
- Чаро ҳавои деҳаро тоза мегӯянд?
- Деҳаро ба тоҷикӣ боз чӣ мегӯянд?

Аз сутуни дуюм калимаҳои мувофиқро ёфта, ибораҳоро нависед. **Намуна:** Ҳавои соф.

| | | |
|---|---|---|
| кӯҳ | и | соф |
| об | и | баланд |
| дарахт | и | тоза |
| ҳаво | и | пурмева |
| боғ | и | сабз |

## ДАР ВАСФИ ДЕҲҚОН

Он ки ҳар соат дусад хирворро
Бар ватан, бар халқ тақдим мекунад.
Он ки бо ҳурмат, ба ихлоси тамом
Мепарастад зиндагиро, корро,
Саҷда меорад замину обро,
Ҳар ниҳоли пахтаи пурборро.
Номдорӣ, номдорӣ мекунад.
Аз бузургӣ хоксорӣ мекунад!

**Муъмин Қаноат**

**хоксорӣ** – фурӯтанӣ
**мепарастад** – дӯст медорад
**дусад хирвор** – хеле бисёр
**ихлос** – эҳтиром
**саҷда** – таъзим
**бузургӣ** – калонӣ

Асп, гов, гӯсфанд ва мурғ пагоҳӣ барои ёфтани хӯрок ба дашту саҳро рафтанд. Бегоҳӣ баргашта, диданд, ки бачаҳояшон аз хона баромада, ба ҷойи дигар рафтаанд. Ба онҳо ёрӣ диҳед, ки бачаҳояшонро ёбанд. Номи модару бачаҳоро паҳлуи ҳам нависед:





Чистонҳоро ёбед. Яке аз онҳоро интихобан аз ёд кунед:

Он чист, ки чор хона дорад,
Дар нармии худ нишона дорад.
Ҳар хонаи он пур аст аз барф,
Ҳар барф нигар, ки дона дорад.





Банди дарози дилрабо,
Меравад гирд-гирди дунё.



Дегчаи пури мехча,
Не дар дорад, не дарча.

## ОБИ ШОҲАМБАРӢ

Ватани мо аз обҳои шифобахш бой аст. Обҳои ширини он ба дарди мардум даво мебахшад. Оби шуҳратдори Шоҳамбарӣ барои дарди меъдаву рӯда доруи хуб аст.

Чашмаи оби Шоҳамбарӣ дар водии Ҳисори зарнисор аст. Онро дар тамоми Тоҷикистон истеъмол мекунанд.

**даво** – дору
**шуҳратдор** – номдор, машҳур
**истеъмол кардан** – нӯшидан, хӯрдан
**шифобахш** – давобахш, доругӣ
**мардум** – одамон

• Оби Шоҳамбарӣ дар кадом водӣ аст?
• Оби Шоҳамбарӣ чӣ фоида дорад?
• Шумо боз кадом обҳои шифобахшро медонед?



## РӮДИ ВАХШ

Эй Вахши дилкаш,
Эй соҳиби нур,
Рӯде надидем
Мисли ту пурзӯр.

Дар пеши роҳат,
Эй рӯди мағрур,
Кардем бунёд
Дарғоти машҳур.

**Алӣ Бобоҷон**

К
к
Кор кунӣ, роҳат меёбӣ.

## ЗАРРОФА ЧӢ МЕГӮЯД?



Ҷӯраҳо ба ҳавличаи панҷарадор наздик шуданд. Дар зери дарахти калони бед ҷонвари гардандарозе алаф мехӯрд.

– Шутурро бин! – фарёд зад Абӯбакр.

– Ин шутур не, ин – заррофа, – гуфт Қодир. Шутур кӯҳон дорад.

– О-ҳо! Шутур кӯҳ дорад? – ӯро масхара кард Абӯбакр.

– Кӯҳ не, кӯҳон. Теппачаҳои пушти шутурро кӯҳон мегӯянд, чунки ба кӯҳ монанд ҳастанд.

Қодир лавҳачаи дар панҷара овезонро ҳиҷо карда хонд: “Зар-ро-фа”.

Ҳамин вақт ҷонвар сар бардошту ба бачаҳо нигоҳ кард ва гардани дарозашро ин тарафу он тараф алвонҷ додан гирифт.

– Вай чӣ мехоҳад? – пурсид Абӯбакр.

– Намедонам, ҳозир аз худаш мепурсам.

Абӯбакр фурсат ёфту аз замин санг бардошта, ба тарафи заррофа партофт. Санг рост ба пешониаш бархӯрд. Заррофа як қад парид ва боз гарданашро алвонҷ додан гирифт. Қодир, ки аз ин рафтори Абӯбакр норизо буд, гуфт:

– Заррофа мегӯяд, ки Абӯбакр бесавод будааст.

– Чаро? – қаҳр кард Абӯбакр.

– Мегӯяд, ки ба синфи як равад ҳам, ҳарфҳоро хонда наметавонад.

– Дурӯғ, – шӯрид Абӯбакр. – Аз куҷо медонад, ки ман хонда наметавонам?

Қодир аз дасти Абӯбакр гирифту ба назди лавҳа овард ва хонд: “Зар-ро-фа-ро на-ран-ҷо-нед, санг на-пар-то-ед, бе-қа-рор на-ку-нед”.

– Дидӣ, –гуфт Қодир. –Заррофа мегӯяд, ки агар ҷӯраат савод медошт, лавҳаро мехонду маро бо санг намезад.

Абӯбакр бо сари хам аз назди панҷара дур шуд.

- Ин ҳодиса дар куҷо рӯй додааст?
- Оё рафтори Абӯбакр дуруст аст?
- Дар боғи ҳайвонот боз кадом ҳайвонҳоро дидан мумкин аст?

Навиштаҳои рӯйи лавҳаро бори дигар хонед. Ҳисоб кунед, ки ҳамагӣ чанд ҳиҷо шуд. Ҳиҷоҳои дуовоза, сеовоза ва чоровоза чандтой? Ҳиҷоҳоро пайваст карда, ҷумларо ба шакли яклухт нависед.

Ба чор гурӯҳ ҷудо шуда, фаслҳои солро яктоӣ интихоб кунед, хонед ва аз ёд кунед:

## НЕЪМАТИ ЧОР ФАСЛ






– Чӣ медиҳӣ, Зимистон,
Ба деҳаи кӯҳистон?
– Барфаки резон диҳам,
Зеби кӯҳистон диҳам.

– Чӣ медиҳӣ, Баҳорон,
Ба деҳаи кӯҳистон?
– Ман резаборон диҳам,
Чукрию торон диҳам.
Замини сабзу гулпӯш,
Чашмаю рӯди пурҷӯш.

– Тобистон, эй Тобистон,
Чӣ медиҳӣ ба моён?
– Ман ноку анор диҳам,
Меваи бисёр диҳам,
Сайру саёҳат диҳам,
Дунёи роҳат диҳам.

– Тирамоҳи зарнисор,
Чӣ медиҳӣ ту бисёр?
– Ҳосил ҳама ғун шавад,
Маҳсулаш афзун шавад.
Ман хони алвон диҳам,
Баҳри шумоён диҳам.

**Шарифи Муҳаммадёр**

| | |
|---|---|
| **рӯд** – дарё | **зарнисор** – пурҷило |
| **неъмат** – бойигарӣ | **маҳсул** – ҳосил |
| **афзун** – фаровон, зиёд | |



Аз рӯйи мазмуни шеър ва суратҳо яке аз фаслҳои солро интихоб карда, онро тавсиф кунед.

Аз калимаҳои сутуни якум ҳиҷоҳои додашударо тарҳ кунед, ба қисми боқимонда ҳиссаи дигарро ҷамъ карда, номи фаслҳои солро нависед:

Намуна: офтоб – оф = тоб; тоб + истон = тобистон.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| офтоб | - | оф | + | истон | = | |
| бача | - | ча | + | ҳор | = | |
| тирак | - | к | + | моҳ | = | |
| лозим | - | ло | + | истон | = | |

Аҷоиб як дарахт дидам дар ин боғ,
Ки як тан дораду дувоздаҳ шох.
Ба ҳар як шохаш сӣ барг дорад,
Сафед – як рӯ, сияҳ рӯйи дигар дорад.
(С•л, м•ҳ, р•зу ш•б)



Аввал гӯш кунед, баъд аз рӯйи нақшҳо хонед:

## РЕҶАИ РӮЗ



**Азиза:** – Азизҷон, ту кай аз хоб мехезӣ?
**Азизҷон:** – Модарҷонам маро соати ҳафти саҳар бедор мекунанд.
**Азиза:** – Баъд чӣ кор мекунӣ?
**Азизҷон:** – Дасту рӯямро мешӯям, наҳорӣ мехӯрам.
**Азиза:** – Ту кай ба мактаб меравӣ?
**Азизҷон:** – Мо дар басти якум мехонем. Дарси мо соати ҳашт сар мешавад.
**Азиза:** – Кай ба хона меойӣ?
**Азизҷон:** – Баъзе рӯзҳо соати ёздаҳ, баъзан соати дувоздаҳ.
**Азиза:** – Баъди мактаб чӣ кор мекунӣ?
**Азизҷон:** – Аввал хӯрок мехӯрам, камтар истироҳат ё бозӣ мекунам. Бегоҳӣ дарс тайёр мекунам.
**Азиза:** – Ту худат дарс тайёр мекунӣ?
**Азизҷон:** – Ба ман модарҷонам ёрӣ медиҳанд.
**Азиза:** – Дар вақти холӣ чӣ кор мекунӣ?
**Азизҷон:** – Бо ҷӯраҳоям бозӣ мекунам, телевизор тамошо мекунам, мусиқӣ гӯш мекунам.
**Азиза:** – Ту соати чанд хоб мекунӣ?
**Азизҷон:** – Соати нуҳ.



Аз рӯйи намуна бо ёрии калонсолон барои худатон реҷаи рӯз тартиб диҳед.

| Соати 07.00 | Аз хоб мехезам. |
|---|---|
| ........... | ........... ........... ........... |
| ........... | ........... ........... ........... |
| ........... | ........... ........... ........... |
| ........... | ........... ........... ........... |



Рақамҳоро бо ҳарфҳо нависед:

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 5 | 7 | 9 | 11 | 12 | 13 | 15 | 17 | 18 | 19 |





Бишнавед ва бихонед:

## ТУҲФАИ БЕҲТАРИН

Номи ман Гулоро аст. Ман дар хона духтари аз ҳама хурдӣ мебошам. Ҳар сол дар моҳи май зодрӯзамро дар хона ҷашн мегирем. Бобоҷонам ҳар сол барои ман бозичаю лӯхтакча мехаранд. Вале имсол бобоҷонам ба ман туҳфаи беҳтарин тақдим карданд. Ману бобоҷонам ба боғ даромадем. Бобоҷонам ба ман ниҳоли себро нишон дода, гуфтанд:

– Ин дарахти себро дар рӯзи таваллудат ба ту Гулоро, туҳфа мекунам. Ман онро аввали баҳор барои ту шинондам.

Ҳар гоҳ ба боғ дароям, туҳфаи беҳтарини худро дида, хурсанд мешавам, чунки ин ниҳол ёдгорӣ аз бобоям аст.

**туҳфа** – ҳадя

**зодрӯз** – рӯзи таваллуд **ёдгорӣ** – хотира

Ҷумлаи чоруми матнро нависед. Муайян кунед, ки он чанд калима дорад.

- Гулоро кай зодрӯз дорад?
- Гулоро ва бобояш ба куҷо даромаданд?
- Бобоҷонаш ба ӯ чӣ тухфа карданд?
- **Тухфаи беҳтарин** чӣ маъно дорад?

Зарбулмасалро нависед ва аз ёд кунед:

> Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ.

Мева – себ, .....
Дарахт – бед, .....
Гул – садбарг, .....

Кӣ бештар? Бо калимаҳои додашуда номи одам созед ва нависед:

**Намуна:** Гул + ... = Гулчеҳра, Гулнор...
... + гул = Меҳригул, Зебогул...

Гул + ... ; ... + гул;
Моҳ + ... ; ... + моҳ;
Алӣ + ... ; ... + алӣ;
Шоҳ + ... ; ... + шоҳ.

## ДАФТАРРО ЭҲТИЁТ КУНЕД!

Дафтар муҳимтарин ва заруртарин асбоби хониш аст. Онро эҳтиёт мекунем. Тоза нигоҳ медорем. Варақҳояшро намедарронем. Хатҳои зиёдатӣ ва нодаркор намекашем. Аз дафтар дуруст ва дар мавқеаш истифода мекунем.

Ё

ё

Ёдгор ба Ёсуман ёрӣ дод.

Аввал гӯш кунед ва баъд хонед:



## ШАРБАТИ ХУЧ

Хучро дар охири фасли тобистон ва аввали тирамоҳ мегундоранд. Баъд онро дар офтоб хушк мекунанд.

Шарбати хучро чунин тайёр мекунанд: Хучи хушкро дар оби андаке шакардор меҷӯшонанд. Баъди ҷӯшондан ва таҳшин кардан обашро ба зарфи дигар мегиранд. Ҳоло шарбати хучро дар корхонаҳои калон тайёр карда, дар зарфҳои шишагӣ мефурӯшанд.

Шарбати хуч ташнагиро мешиканад. Он барои саломатӣ фоида дорад.

Дар ин мавзӯъҳо суҳбат кунед:

- Боз кадом шарбатҳоро медонед?
- Оби мева (шарбат) чӣ хусусият дорад?
- Кадом шарбатро бисёртар дӯст медоред ва барои чӣ?

Бархез, ки вақти бомдод аст,
Шабро бинигар, сапеда зодаст.
Ризқи ҳама одами саҳархез
Аз хобравон басе зиёд аст.

**сапеда** – равшании саҳар
**ризқ** – рӯзӣ, хӯрок
**басе** – хеле
**бомдод** – саҳар

Хонед ва аз ёд кунед:

## ОЧАДАРЁ



Сӯйи водӣ
Дашту саҳро
Мешитобад
Оби дарё.
То хӯрад об
Тифлаки ӯ –
Лолаи тар,
Сабзаи ҷӯ.
Бод нармак
То биёяд,
Беди маҷнун
Мӯ кушояд...
Тифли дарё
Беҳисоб аст.
Очадарё
Дар шитоб аст.

**Латофат**

Чистонҳоро хонед ва ҷавоби онҳоро ёбед. Яке аз чистонҳоро интихобан аз ёд кунед:

Ин сабзҷома
Бинвишт нома:
«Дил дораму доғ,
Чун чашмаки зоғ».
(т • рбуз)

Гардад шабу рӯз
Хона ба хона
Дувоздаҳто
Қарин дугона.
(со • т)

## ТАКРОРИ БОБИ ”ДЕҲА”



Азизҷону Азиза дар боғи **ДЕҲА** бисёр сайругашт карданд. Онҳо деҳаро хеле дӯст доштанд. Аммо бояд сайругашт ва ҷустуҷӯйи худро давом медоданд. Бинобар ин бо дили шоду хурсанд ба назди бобои Хирад омаданд. Бобои Хирад ба онҳо чунин савол дод:

– Деҳа чист ва чӣ хел будааст?

Азизҷону Азиза бонавбат ҷавоб доданд:

– Обу ҳавои форам.
– Сабзу хуррам.
– Талу теппаҳои зебо.
– Гову гӯсфандон.
– Киштзори васеъ.
– Гулҳои зебо.
– Боғҳои пурмева.
– Парандагони хушовоз.

Бобои Хирад аз ин ҷавобҳо хушҳол шуд ва ба онҳо калиди Боғи **ШАҲР**ро дод.

Ба гурӯҳи чорнафара ҷудо шуда, шеърро якмисраъгӣ хонед. Мисраи панҷумро ҳама якҷоя мехонанд.

## ҲАМОСАИ БАРОДАРӢ

Мо шуълаи як оташ, шогирди як дабистон,
Гулҳои ранг-ранги як гулшани шукуфон
Сарчашмаҳои як рӯд, аз авҷи кӯҳсорон,
Ангуштҳои як даст, як дасти пуртавонем,
Ҳамбахту ҳамнасиба, ёру бародаронем!

**Лоиқ Шералӣ**

Аз калимаҳои сутуни якум ҳиҷои додашударо тарҳ кунед, ба ҳосили он ҳиҷои дигари додашударо ҷамъ карда, калимаи нав созед ва нависед:

Намуна: даҳон – ҳон = да; да + рахт = дарахт.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| даҳон | - | ҳон | + | рахт | = | дарахт |
| сабзӣ | - | зӣ | + | за | = | |
| бодом | - | дом | + | рон | = | |
| анҷир | - | ҷир | + | гур | = | |
| зардолу | - | зард | + | ча | = | |



Суҳбат аз рӯйи расм. Гӯед, ки дар шаҳр чӣ гуна хонаҳо, кӯчаҳо ва идораҳо ҳастанд. Аз шарикдарсатон хоҳиш кунед, ки мошин ва биноеро нишон диҳад.

## ПОЙТАХТИ МО

Душанбе пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Он шаҳри хеле зебо ва дилнишин мебошад.



Ду тарафи кӯчаҳоро дарахтони сарву санавбар, арчаву чинор зинат медиҳанд. Ҳама гӯшаву хиёбонҳои шаҳр сабзу гулзор аст. Аз мобайни шаҳр дарёи Душанбе мегузарад. Хиёбони зеботарини шаҳр ба номи устод Рӯдакӣ аст. Сокинони шаҳр барои ободу зебо кардани кӯчаю хиёбонҳо, гулгашту маҳаллаҳо ғайрат мекунанд. Мо пойтахти Ватанамонро дӯст медорем.

**пойтахт** – маркази ҷумҳурӣ
**хиёбон** – кӯчаи калону васеъ
**сокинон** – мардум, одамон

- Дар бораи шаҳри Душанбе боз чиҳоро медонед?
- Дар васфи шаҳри Душанбе шеър ё суруд хонед.

Ҳарфи аввали номи шаҳрҳо, дарёҳо, кӯчаҳо, мактабҳо, пайкараҳо ва боғҳои шаҳр **бо шакли калон** навишта мешавад: шаҳри **Д**ушанбе, дарёи **В**ахш, хиёбони **Р**ӯдакӣ, боғи **Д**ӯстӣ, пайкараи **И**смоили **С**омонӣ.

**1.**



– Салом, Суҳробҷон!
– Салом, ҷӯраҷон.
– Хонаи шумо дар куҷост?
– Дар кӯчаи Айнӣ.
– Дар назди хонаи шумо ягон мағоза ҳаст?
– Ҳа, мағозаи китобфурӯшӣ ҳаст.

**2.**

– Сурайё, хонаи шумо дар куҷо?
– Дар наздикии бозор.
– Ту ба бозор меравӣ?
– Ҳа, фақат ҳамроҳи модарам ё апаам.
– Аз бозор чиҳо мехаред?
– Мева, харбуза, ширинӣ, нон мехарем.



Аҷаб шаҳри дилоройӣ, Душанбе,
Хаёлам, зеби дунёӣ, Душанбе.

| Менависем | Мехонем |
|---|---|
| кӯчаи | кӯ-ча-йи |
| зеби дунёӣ | зе-би дун-йо-йӣ |

## ДАР БОЗОР

Аз рӯйи суратҳо гӯед, ки дар бозор чиҳо мефурӯшанд:





**Асрори калимаҳо.** Ба ҷойи нуқтаҳо яктоӣ ҳарф гузошта, калимаҳо созед ва онҳоро ба дафтар нависед.

Намуна:

1. дар...
2. бар...
3. зар...
4. мард...




Калимаҳои зеринро бо ҳамон тартибе нависед, ки аз ҳарфҳои аввали онҳо номи шаҳр (Душанбе) пайдо шавад:

**ш**аҳр, **б**озор, **у**сто, **д**укон, **а**нгур, **н**он, **е**лим.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Д | У | Ш | А | Н | Б | Е |

# ДУШАНБЕ

Шаҳри Душанбе
Шаҳри нумӯям.
Чун гул ту аз ман,
Ман аз ту рӯям.

Шаҳри Душанбе
Нози баҳорам.
Субҳи сафоят
Ойинадорам.

Шаҳри Душанбе,
Дунёи ман ту.
Дар синаи кӯҳ
Дарёи ман ту.

Шаҳри Душанбе,
Умри дубора.
Дар осмонат
Шабҳо ситора.

**Юсуфҷон Аҳмадзода**

Шеърро якпорагӣ аз ёд кунед.



Э

э

Эҳтиёт – нисфи ҳаёт.

## ЧАРОҒАКИ РАҲНАМО



Чароғаки раҳнамо –
Кафолати амни мо.

Чашмаки ту бесухан
Нишон диҳад роҳ ба ман.

Чашмаки сурхат: «Хатар!»
Чашмаки сабзат: «Гузар!»

Чашмаки зардат: «Огаҳ
Намонӣ дар байни раҳ!»



Чароғаки раҳнамо,
Ту ҳастиву амни мо.

Ба кӯдакон шафиқӣ,
Ту беҳтарин рафиқӣ.

**Латофат**



Калима ва ибораҳои зеринро нависед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед:
*роҳи мошингард, роҳи пиёдагард, роҳи мумфарш, гузаргоҳ, гардиш, истгоҳ, чорраҳа, канори роҳ.*

## ОЁ ШУМО МЕДОНЕД?



Чароғакҳои раҳнаморо олимон барои он сохтаанд, ки вақти аз роҳ гузаштан ҳодисаи нохуш рӯй надиҳад. Мошинҳо ба ҳам барнахӯранд. Одамонро зер накунанд. Чароғаки раҳнамо таърихи дуру дароз дорад.

Аввалин чароғаки раҳнамо ду ранг дошт – сурх ва сабз. Онро олими англис Ҷ. Найт сохт. Ин чароғак дастӣ кор мекард, яъне одам гоҳ ранги сурхро мебардошту гоҳ ранги сабзро. Баъдтар чароғакҳои серанга сохта шуданд.

Ҳоло дар шаҳри Душанбе ва дар дигар шаҳрҳои калони Тоҷикистон чароғакҳои раҳнамо ба мардум хизмат мекунанд.

- **Чароғаки раҳнамо** чист?
- Он чанд ранг дорад?
- Рангҳои чароғак чӣ маъно доранд?
- Барои чӣ дар роҳҳо аз чароғак истифода мекунанд?

**Роҳгардӣ** ҳам қоидаҳо дорад.
Мо бояд онҳоро ҳамеша риоя кунем.

Ба ҳиҷоҳои сутуни аввал аз сутунҳои дуюму сеюм ҳиҷоҳои мувофиқро ёфта, аз онҳо калима созед ва ба дафтари худ нависед:

| | | |
|---|---|---|
| ча | зар | да |
| раҳ | ра | ғак |
| гу | рӯ | ҳа |
| чор | ро | мо |
| фу | и | гоҳ |
| қо | на | зон |

## «КӢ ТЕЗТАР МЕХОНАД?» (РЕБУСҲО)




Душанбе хонаи умеди тоҷикон ва тоҷикистониён аст.

**тоҷикон** – афроди миллати тоҷик,
**тоҷикистониён** – ҳамаи халқҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд.



## НОРАК

Ин сӯ ҷар, он сӯ ёна,
Шаҳри нав дар миёна.
Санги ду бари ёна
Чун парда боми хона.
Ин сӯ кӯҳу он сӯ шах,
Баҳре дар домани шах.
Рангаш чун шиша равшан,
Обаш хунук ҳамчу ях.
Ин сӯ нуру он сӯ нур,
Як дараи нурафшон.
Дар домани кӯҳи нор
Норак бувад нуристон.

**Убайд Раҷаб**

Ин калимаҳо ду хел навишта
ва хонда мешаванд:
• **сӯ-сӯй, ҷӯ-ҷӯй, бӯ-бӯй, рӯ-рӯй, мӯ-мӯй;**
• **по-пой, ҷо-ҷой.**
Аммо калимаҳои **чой, тӯй, сой, бой, лой, пой, сой**
ҳамеша як хел (бо **й**) навишта мешаванд.

## ОБ АЗ КУҶО МЕОЯД?

Мо ҳар рӯз об менӯшем, чой менӯшем, хӯрок мехӯрем, оббозӣ мекунем, либос мешӯем, ба дарахтон, киштзорон об медиҳем. Равшании хонаи мо ҳам аз об аст!



– Ин ҳама об аз кучо меояд?

– Аз барфу борон.

– Пас барфу борон аз кучо пайдо мешаванд?

– Аз абр.

– Абр аз кучо пайдо мешавад? Намедонед?

Агар оби чойник ҷӯшад, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? Офарин, об аз гармӣ буғ мешавад. Дидед, буғ боло мебарояд. Дар табиат ҳам ҳамин хел аст. Дар гармии тобистон оби рӯйи замин буғ шуда, ба осмон мебарояд. Дар он ҷо аз хунукӣ ғафс шуда, абр мешавад. Агар ҳаво гарм бошад, аз абр борон меборад. Агар ҳаво хунук бошад, барф меборад. Дар зимистон об дар шакли барфу ях дар кӯҳҳо ҷамъ мешавад. Дар тобистон об шуда, бо дарёҳо ба шаҳру водиҳо меравад. Ана ҳамин хел об ҳамеша дар гардиш аст.

Нависед ва бо ёрии устод маънидод кунед:

*й*

*Об – рӯшноӣ.*

*Об манбаи ҳаёт аст.*

*Об ҳаст, ободонӣ ҳаст.*

Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои заруриро монда, номи шаҳру ноҳияҳоро ба дафтар нависед:

Н • рак, Ҳ • сор, Х • ҷанд, К • лоб, Х • руғ, Р • шт, Д • рвоз.

Аввал бо ҳиҷоҳо, баъд якҷоя хонед:

Ду-шан-бе, Иш-ко-шим, Пан-ҷа-кент,
Са-ғир-дашт, Тур-сун-зо-да,
Ис-та-рав-шан, Қӯр-ғон-теп-па.

Ба ҷойи нуқтаҳо номи шаҳр ё деҳаи худро гузошта, ба дафтар нависед:

Мо дар шаҳри ... зиндагӣ мекунем.
Шаҳри мо ободу зебо аст.
Мо шаҳри худро дӯст медорем.

• • • • •

Мо дар деҳаи ... зиндагӣ мекунем.
Деҳаи мо ободу зебо аст.
Мо деҳаи худро дӯст медорем.

## МАН ҲАМ КАЛОН ШУДАМ

Мансурҷон аз мактаб бармегашт. Дар байни мактабу хонаи онҳо роҳи калони мошингард ҳаст. Ҳар рӯз аз калонсолон хоҳиш мекард, ки дасти ӯро гирифта аз роҳ гузаронанд. Ҳамеша орзу мекард, ки тезтар калон шаваду ба хурдсолон ҳамин хел ёрӣ диҳад. Он рӯз вақти аз роҳ гузаштан дид, ки ягон каси калонсол нест.

Ҳамин вақт чашмаш ба мӯйсафеде афтод, ки дар даст асо дошт ва мехост аз роҳ гузарад. Пеши мӯйсафед рафта, дид, ки чашмонаш нобино аст. Зуд аз дасти ӯ гирифта, гуфт:

– Биёед, бобоҷон, ман ба Шумо ёрӣ медиҳам.

Мансурҷон дасти мӯйсафедро гирифта, оҳиста-оҳиста аз роҳ гузаронд. Мӯйсафед ду даст ба дуо бардошта, гуфт:

– Илоҳо, барака ёбӣ, бачам.
Хока гирӣ, зар шавад.
Раҳмат ба устоду падарат!
Умрат дароз шавад!

Мансурҷон **зери лаб** гуфт:

– **Ман ҳам калон шудам!**



**нобино** – кӯр
**ҳамеша** – доимо, ҳама вақт
**даст ба дуо бардоштан** – дуо кардан
**чашмаш ба мӯйсафеде афтод** – мӯйсафедеро дид

- **«Зери лаб гуфтан»** чӣ маъно дорад?
- Чаро Мансурҷон **«Ман ҳам калон шудам»** гуфт?

Я

я

Сари ятимро сила намоед.

## ТАКРОРИ БОБИ “ШАҲР”





Бачаҳо хурсандона аз боғи ШАҲР берун омаданд. Онҳо шеърҳои азёдкардаашонро ба бобои Хирад хонданд. Дар бораи бозор суҳбат карданд. Аз ҳама муҳиммаш, қоидаҳои роҳгардиро хуб аз худ карданд ва ваъда доданд, ки ҳамеша риоя мекунанд. Дар бораи об ва фоидаи он ҳам суҳбат карданд. Ба бобои Хирад гуфтанд, ки мисли Мансурҷон хидмати пиронро ба ҷо меоранд.

Азизҷон гуфт, ки боғи ШАҲР ба ӯ бисёр маъқул шуд. Намехост аз он берун равад. Аммо Азиза гуфт, ки ДЕҲА аз ШАҲР нағзтар аст. Дар байни онҳо нохост моҷаро шуд. Бобои Хирад ба онҳо наздик шуда, гуфт.

– Чӣ гап шуд, бачаҳо?

– Ман ДЕҲАро дӯст доштам, аммо Азизҷон мегӯяд, ки ШАҲР аз деҳа беҳтар аст, – ғамгинона гуфт Азиза.

Бобои Хирад як табассуме карду гуфт:

– Биёед, беҳтараш, ба шумо афсонаи «Шаҳр ва Деҳа»-ро нақл кунам. Баъд худатон мефаҳмед, ки кадомаш зӯртару нағзтар аст. Азизҷону Азиза розӣ шуданд.



- Дар бораи шаҳри Душанбе суҳбат кунед.
- Шаҳру деҳаи худро тавсиф кунед.
- Дар бораи роҳҳои мошингард ва чароғаки раҳнамо суҳбат кунед.
- Дар бораи шаҳри Душанбе ё шаҳру деҳаи худ шеър хонед ё суҳбат кунед.



Аввал гӯш кунед, баъд аз рӯйи нақшҳо хонед:

## ШАҲР ВА ДЕҲА



**Гӯянда:** Рӯзе Шаҳр пеши Деҳа омад. Байни онҳо чунин моҷаро шуд:
**Шаҳр:** – Ман аз ту калонтару зӯртарам!
**Деҳа:** – Ҳама зӯрии ту аз ғизои ман аст!
**Шаҳр:** – Дурӯғ нагӯ! Ту ғайр аз дашту саҳро чизе надорӣ!
**Деҳа:** – Ҳамин дашту саҳро аст, ки ба ту нон медиҳад!
**Шаҳр:** – Агар трактору мошини ман набошад, кӣ замини туро кишт мекунад?
**Деҳа:** – Агар меваи ман набошад, ту чӣ мехӯрӣ?
**Шаҳр:** – Агар бозори ман набошад, ту дар куҷо мефурӯшӣ?
**Деҳа:** – Ширу қаймоқи маро фаромӯш кардӣ?
**Шаҳр:** – Бе ширу қаймоқ зиндагӣ кардан мумкин, аммо бе либоси ман ту чӣ хел мегардӣ?
**Деҳа:** – Агар пахтаи ман набошад, либоси ту аз куҷо пайдо мешавад?
**Гӯянда:** Онҳо ҳамин хел мубоҳиса карда, оқибат қаҳрӣ шуданд. Аз байн се рӯз гузашт. Шаҳр бе орду гӯшту меваю сабзавот монд. Деҳа ҳам бе мошину трактор, бе барқу либос монд. Ночор Шаҳр пеши Деҳа омаду гуфт:
**Шаҳр:** –Салом, дӯстам! Фаҳмидам, ки мо бе якдигар зиндагӣ карда наметавонем. Маро бубахш, ки гапи сахт гуфтам. Биё, бо ҳам дӯст шавем.
**Гӯянда:** Деҳа ҳам розӣ шуд ва онҳо боз дӯст шуданд.

Аз рӯйи ҳикоя хусусиятҳои шаҳру деҳаро муайян кунед. Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, ҷадвали зеринро пур кунед:

| ШАҲР | ДЕҲА |
|---|---|
| Бозор, корхона, мошин... | Киштзор, боғ, мева... |

Аз калимаҳои сутуни аввал ҳиҷои додашударо тарҳ кунед, ба он ҳиҷои дигарро ҷамъ карда, номи шаҳрро ёбед ва нависед:

Намуна: хона – на = хо; хо + руғ = Хоруғ.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| хона | – | на | + | руғ | = | Хоруғ |
| кӯза | – | за | + | лоб | = | |
| нола | – | ла | + | рак | = | |
| хурӯс | – | рӯс | + | ҷанд | = | |
| дутор | – | тор | + | шанбе | = | |




Азизҷону Азиза баъди шунидани афсона ба ҳамдигар даст дароз карданд. Онҳо қавл доданд, ки ҳамеша дӯст мемонанд ва дигар баҳси беасос намекунанд. Бобои Хирад бо меҳр ба онҳо калиди боғи навбатиро дод. Он калиди боғи **ДӮСТӢ** буд.



Тезгӯякҳоро хонед ва тез гуфтанро машқ кунед:

**1.** Содиқ шодӣ кард, Соҳиб шӯхӣ.
**2.** Шохи сада серсоя.
**3.** Сангу сангча – дар санглох.



Сайругашти худро дар боғҳои пешина ба ёд оред. Дар рӯбарӯйи номи боғ ҳарчи бештар калима нависед:

| НОМИ БОҒ | КАЛИМАҲО |
|---|---|
| ОИЛА | падар, модар, ... |
| ХОНА | дар, тиреза, яхдон, ... |
| МАКТАБ | китоб, миз, курсӣ, ... |
| БӮСТОН | гул, мева, анор, ... |
| ҲАЙВОНОТ | булбул, хирс, асп, ... |
| ДЕҲА | дашт, гандум, ... |
| ШАҲР | чароғаки роҳ, бозор, ... |

# ХУШ ОМАДЕД БА БОҒИ ДӮСТӢ







Бобои Хирад ба дасти Азизҷону Азиза калиди боғи **ДӮСТИ**ро доду гуфт:

– Ман аз шумо як хоҳиш дорам, азизаконам. Дар боғи **ДӮСТӢ** барои худатон як қаср созед. Танҳо ҳамон вақт ман ба шумо калиди боғи дигарро медиҳам.

Бачаҳо ба Бобои Хирад миннатдорӣ баён карданд. Онҳо қавл доданд, ки қасри зебо месозанд.

• Барои чӣ мо танҳо бозӣ карда наметавонем?
• Агар ягон дӯстамон бемор шавад, барои чӣ мо ҳам ғамгин мешавем?
• Мо кай, барои кӣ ва барои чӣ **«Дӯст медорам»** ё **«Нағз мебинам»** мегӯем?

Нависед ва аз ёд кунед:



То тавонӣ, дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун.

• • • • •

Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.

**Мирзо Турсунзода**

**макун** – накун
**қаср** – хонаи калони зебо
**бахт** – хурсандӣ, рӯзи нек, шодӣ
**миннатдорӣ кардан** – “раҳмат” гуфтан
**рӯзи сахт** – зиндагии мушкил
**қавл додан** – ваъда додан

## РӮБОҲ ВА ЛАКЛАК
(Афсона)

Буд, набуд, як рӯбоҳ ва як лаклак буд. Онҳо бо ҳам ҷӯра шуданд. Рӯзе рӯбоҳ ба лаклак гуфт:

– Ҷӯраҷон, ба хонаи ман биё, туро зиёфат медиҳам.

Лаклак розӣ шуда, рӯзи дигар ба хонаи рӯбоҳ омад. Рӯбоҳ шавла пухта, табақи шавларо ба назди дӯсташ гузошт.



– Марҳамат, ҷӯраҷон, чӣ қадар ки хоҳӣ, хӯр!

Лаклаки бечора ба табақ нӯл зад, нӯл зад, аммо чизе хӯрда натавонист. Рӯбоҳ бошад, табақи шавларо то охир лесиду ба лаклак гуфт:

– Ҷӯраҷон, ками маро ба ҷойи зиёд қабул намо. Ҳар чӣ доштам, пешат гузоштам.

– Ба ҳаминаш ҳам раҳмат, – гуфт лаклак.

Ӯ ҳам рӯбоҳро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват кард. Рӯзи дигар рӯбоҳ ба хонаи лаклак меҳмон шуд. Лаклак мастоба пухт. Баъд онро дар кӯзаи гарданборик кашида, ба назди рафиқаш гузошту гуфт:

– Хӯр, ҷӯраҷон, ҳар қадар ки дилат хоҳад, хӯр!

Рӯбоҳ кӯзаро бӯй кард, лесид, аммо чизе хӯрда натавонист. Лаклак бо нӯли дарозаш мастобаро то охир хӯрд. Рӯбоҳ бо шиками гурусна ба хонааш баргашт.

**Бо ҳамин дӯстии лаклаку рӯбоҳ ба охир расид.**

- Рӯбоҳ барои лаклак чӣ пухт?
- Барои чӣ лаклак хӯрок хӯрда натавонист?
- Лаклак барои рӯбоҳ чӣ пухт?
- Барои чӣ рӯбоҳ ҳам чизе хӯрда натавонист?
- Чаро дӯстии рӯбоҳу лаклак ба охир расид?

Нависед ва маънои ҷумларо шарҳ диҳед:
**Ками маро ба ҷойи зиёд қабул намо.**

## ҶӮРАИ МО

Ба кори хона доимо
Ёрирасони модар аст,
Азизу меҳрубон басо
Ба додару ба хоҳар аст.
Ҳамсабақи азизи мо,
Ҷӯраи ботамизи мо.

Дар кӯчаҳо ба бачагон
Ҳалиму боадаб мудом,
Ба одами зи худ калон
Ҳамеша медиҳад салом.
Ҳамсабақи азизи мо,
Ҷӯраи ботамизи мо.

Дар хондану дар кор ҳам
Вай ифтихори синфи мост,
Ба ҳар куҷо, ки бингарӣ,
Намунаи намунаҳост.
Ҳамсабақи азизи мо,
Ҷӯраи ботамизи мо.

**Акбар Қодирӣ**

## ДУГОНАҲО

Дугонаҳо, дугонаҳо,
Дугонаҳои бовафо.
Дугонаҳои меҳрубон,
Дугонаҳои қадрдон.

Насозӣ фарқ аз либос,
На аз салому пурсупос.
Ба синф мизашон як аст,
Ба кӯча гашташон як аст.

Ба ҳар куҷо ки бингарӣ,
Ба вақти хушкию тарӣ,
Ба зери якта соябон
Раванд мисли хоҳарон.

Дугонаҳо, дугонаҳо,
Дугонаҳои бовафо,
Дугонаҳои меҳрубон,
Ба якдигар мададрасон.

**Убайд Раҷаб**

Аввал гӯш кунед. Баъд ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, афсонаро аз рӯйи нақшҳо хонед ва иҷро кунед. Дар нақши гӯянда метавонад ду кас иштирок кунад.

## ДУ БУЗИЧА

**Гӯянда:** Замоне ду бузича мезистанд. Номашон Донояку Балояк буд. Онҳо дар ду канори як ҷӯй мечариданд. Офтобак заминро навозишкорона бо нурҳояш гарм менамуд. Гулҳои саҳроӣ бо бӯйи хуши худ фараҳ мебахшиданд. Сабзаи сершира хушхӯртар шуда буд. Боре Донояк ба Балояк гуфт:

**Донояк:** – Эй ҷӯра, ба ин тараф гузар, бо ҳам бозӣ мекунем!



**Балояк:** – Не, худат ба ин тараф гузар!

**Гӯянда:** Донояк розӣ шуда, аз болои кӯпруки майдаи чӯбин ба тарафи Балояк гузаштан хост. Аммо Балояк дид, ки сабзаи тарафи Донояк бисёртар, ӯ ҳам ба тарафи Донояк омад.

**Балояк:** – Не, ман ба пеши ту мегузарам!
**Донояк:** – Ақиб гард, ман мегузарам!
**Балояк:** – Не, ту ақиб гард!
**Гӯянда:** Ҳеҷ яке аз онҳо ақиб гаштан намехост. Онҳо ба ду пойи пушташон нимхез шуданду ба ҳамдигар бархӯрда, ба даруни ҷӯй афтоданд. Ҷӯй чуқур ва обаш тез буд. Бузичаҳо тару беҳол бо як азоб ба лаби ҷӯ баромаданд.
**Балояк:** – Акнун чӣ кор мекунем?
**Донояк:** – Дигар якравию гапнодарой намекунем!
**Гӯянда:** Баъди ин воқеа онҳо бо ҳамдигар аз нав дӯст шуданд.

**замоне** – як вақтҳо
**беҳол** – бемадор
**фараҳ** – шодӣ





Ҷони нодон дар азоб.



Нависед ва аз ёд кунед:
Китоб беҳтарин дӯсти безабони инсон аст.

**Ҷӯраҳо ва дугонаҳо.** Калимаҳоро хонед, онҳоро аз рӯйи хусусиятҳои умумиашон ба гурӯҳҳои **ҷӯраҳо** ва **дугонаҳо** ҷудо карда, ба дафтар нависед:

модар, тарбуз, гов, шафтолу, бед, сафедор, бародар, китоб, себ, арча, гург, дафтар, қалам, хоҳар, мусича, кабӯтар, гӯсфанд, гунҷишк, шағол, падар, коғаз, харбуза, рӯбоҳ, анор, булбул, буз.

Ӯ

ӯ

Дӯстии нек ганҷи бузург аст.

## ДӮСТИ ҶОНӢ

(Афсона, такмили А. Байзоев)

Буд, набуд, як мард буд. Вай бисёр бою бадавлат буд. Мард як писар дошт. Писараш як ҷавони зиндадилу ҷӯрабоз буд. Як рӯз писар пеши падараш омада, пурсид:

– Падарҷон, барои чӣ Шумо ин қадар пулу сарват дореду фақат ду-се ҷӯра?

– Дӯсти ҳақиқӣ аз ду-се кас зиёд намешавад, – ҷавоб дод падар.

Писараш худашро таъриф карда гуфт:

– Ман чил ҷӯра дорам, ҳамаашон дӯстони ҷонӣ!

Падараш пурсид:

– Ту медонӣ, дӯсти ҷонӣ чӣ маъно дорад?

– Ҳа, падарҷон, дӯсти ҷонӣ ҳамонест, ки барои дӯсташ ҳеҷ чизро дареғ намедорад.

– Ту бовар мекунӣ, ки ҳамаи онҳо дӯстони ҷонӣ ҳастанд? – пурсид падараш.

– Ҳа, – гуфт писар.

Падараш ба вай маслиҳат дод:

– Беҳтараш аввал санҷида бин, писарам, фаҳм, ки аз онҳо кадомаш дӯсти ҷониву кадоме нонӣ ва кадомаш забонист.

Бо ёрии устод маънои ифодаҳоро шарҳ диҳед:
• дӯсти ҷонӣ, • дӯсти нонӣ, • дӯсти забонӣ

• Дӯстонро чӣ хел санҷидан мумкин аст?
• Ба фикри шумо, барои санҷидани дӯстони худ писари мард чӣ кор мекунад?

Кӣ дӯсти кӣ? Як кас интихобан хондани як ҷумларо сар мекунад. Дӯсти ӯ касе мешавад, ки давоми ҷумларо аз ҳама пештар гӯяд ё хонад.

**Намуна:**

| | |
|---|---|
| Нафари якум: | Буд, набуд... |
| Нафари дуюм: | ...як мард буд. |
| Нафари якум: | Вай бисёр... |
| Нафари дуюм: | ...бою бадавлат буд. |

Ба ҳиҷоҳои сутуни якум аз сутунҳои дуюму сеюм ҳиҷоҳои заруриро ёфта, калима созед ва ба дафтар нависед:

| | | |
|---|---|---|
| мас | бо | дан |
| сан | да | нӣ |
| зин | ли | дил |
| за | ҷи | ҳат |

Писараш бисёр фикр кард, фикр карду рӯзи дигар худашро бемор вонамуд сохт. Аз байни 40 дӯсташ дар давоми як ҳафта танҳо 10 нафар барои хабаргирӣ омаданд. Ба ҳар касе, ки ба наздаш меомад, мегуфт:

– Пизишкон гуфтанд, ки бемории ман сахт аст. Чандто доруи қимат лозим будаст. Намедонам, чӣ хел ва бо кадом пул пайдо кунам.

Пас аз шунидани ин суханҳо 8 дӯсташ дигар ба хабаргирии ӯ наомаданд. Фақат ду нафар боз ба назди ӯ омада, гуфтанд:

–Ҷӯраҷон, ту дилтанг нашав. Дӯстон дар ҳамин вақт лозиманд. Ба мо номи доруҳоро гӯй, мо, аз таги замин бошад ҳам, барои ту пайдо мекунем.

Писар аз ин ду дӯсташ хоҳиш мекунад, ки рӯзи дигар бо ҳамроҳии дӯстони дигараш ба хонааш биёянд.

Ӯ як деги калон шӯрбо пухта, зиёфат ташкил мекунад. Дӯстонаш ӯро сиҳату саломат дида ҳайрон мешаванд. Яке аз онҳо мепурсад:

– Чӣ кор кардӣ, ки ба ин зудӣ сиҳат шудӣ?

Писар мегӯяд:

– Маро рафтори ҳамин ду дӯстам сиҳат кард.

Баъд писар ба назди падар омада, гуфтааст:

– Эй падар, ҳақ ба ҷониби Шумо, на ҳар кас дӯсти ҷонӣ будааст.

Вай то охири умраш бо он ду дӯсти ҷонияш мисли бародар зиндагӣ кард ва аз файзу баракати дӯстӣ баҳравар шуд.

- Писари мард барои санҷидани дӯстони худ чӣ кор кард?
- Чаро дӯстонаш ба ӯ ёрӣ додан нахостанд?

Афсонаро аввал нақл кунед ва баъд дар нақшҳо бозӣ кунед.

**Кор дар гурӯҳҳо:** Аз матн калимаҳоеро ёбед, ки дар таркибашон чунин ҳарфҳо бошанд:

Ҳарфи **у**: ...
Ҳарфи **ӯ**: ...
Ҳарфи **и**: ...
Ҳарфи **ӣ**: ...

Бо ёрии устод маънои ифодаҳои зеринро шарҳ диҳед ва ба хотир гиред:

- барои дӯст ҳеҷ чизро дареғ надоштан;
- ҳақ ба ҷониби шумо;
- аз файзу баракати дӯстӣ баҳравар шудан.

## ШИНОСОӢ



Азизҷону Азиза чӣ будани дӯстиро фаҳмиданд. Онҳо қавл доданд, ки бо ҳамдигар ва бо дигарон ҳамеша дӯст мешаванд. Дар ҳамин вақт аз пеши онҳо як писарбача баромад. Онҳо хостанд, ки бо ӯ дӯст шаванд.



**Азизҷон:** – Салом, ҷӯраҷон!
**Умедҷон:** – Салом!
**Азизҷон:** – Номи ту – чӣ?
**Умедҷон:** – Номам – Умедҷон. Номи ту – чӣ?
**Азизҷон:** – Номи ман – Азизҷон.
**Умедҷон:** – Номи ту – чӣ?
**Азиза:** – Номи ман – Азиза. Умедҷон, ту дар мактаб мехонӣ?
**Умедҷон:** – Ҳа, ман дар синфи якум мехонам.
**Азиза:** – Чӣ хел нағз! Мо ҳам дар синфи якум мехонем!
**Азизҷон:** – Хонаи шумо дар куҷо?
**Умедҷон:** – Мо дар ҳамин деҳа зиндагӣ мекунем. Биёед, ба хонаи мо меҳмон шавед.
**Азиза:** – Азизҷон, биё, ба хонаи Умедҷон меравем!
**Азизҷон:** – Хуб, ман розӣ. Рафтем!



*Ққ*
*қ*
*рафиқ*
*Қалам аз шамшер тезтар аст.*

## ДАР ХОНАИ УМЕДҶОН



Азизҷону Азиза ба хонаи Умедҷон рафтанд. Падару модари Умедҷон хурсанд шуданд. Умедҷон онҳоро бо хоҳарчааш – Малика, шинос кард. Онҳо бо ҳамдигар хеле суҳбат карданд, бозӣ карданд, китоб хонданд. Азизҷону Азиза аз ёфтани дӯсти нав хеле шод шуданд. Онҳо Умедҷону Маликаро даъват карданд, ки ягон рӯз ба хонаашон меҳмон шаванд.



Нависед ва аз ёд кунед:



Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.

**Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

**андар** – дар; **бартар** – беҳтар; **дидор** – дидан

## ТАКРОРИ БОБИ “ДӮСТӢ”





Азизҷону Азиза вақти баргаштан аз боғи **ДӮСТӢ** ногаҳон ғамгин шуданд. Ба хотирашон омад, ки бобои Хирад гуфта буд: «Дар ин боғ барои худатон як қаср созед». Онҳо медонистанд, ки ҳоло бисёр хурд ҳастанд ва қаср сохта наметавонанд. Фикр кард, ки акнун бобои Хирад ба онҳо калиди боғи дигарро намедиҳад. Бо сари хам ба назди бобои Хирад омаданд.

Бобои Хирад онҳоро сархаму ғамгин дида ҳайрон шуду гуфт:

– Ба шумо чӣ шуд? Боғи **ДӮСТӢ** маъқул нашуд?

– Не, бобоҷон, – гуфт Азизҷон, – маъқул шуд.

– Пас чаро ғамгинед?

– Гуфтаи Шуморо иҷро карда натавонистем, – ғамгинона гуфт Азиза.

– Фаҳмидам, – гуфт бобо. –Хуб, бигӯед, ки ба куҷо рафтед, чиро дидед, чиҳоро донистед?

Азизҷону Азиза саргузашти худро дар боғи **ДӮСТӢ** баён карданд. Гуфтанд, ки бо Умедҷон шинос шуданд.

Бобои Хирад табассуми ширине карду гуфт:

– Бачаҳои азиз! Шумо шод шавед, ки аллакай қаср сохтед! Шумо як дӯст пайдо кардед. Ҳамин худаш қаср сохтан аст. Хонаи дӯст мисли хонаи худ аст. Вақте ки ман **“Қаср созед”,** гуфтам, ҳаминро дар назар доштам. Офарин, бачаҳо!

Азизҷону Азиза аз ин суханҳо хеле шод шуданд. Бобои Хирад ба онҳо калиди боғи дигарро дод. Он боғи **ИНСОН** буд.

Панду масалро нависед ва маънидод кунед:

**1.** Бо некон нек бошу бо бадон бад.
**2.** Дӯсти некро дар рӯзи бад мешиносанд.



- Киро **дӯст** гуфтан мумкин аст?
- Китоб, саг ё ягон чизи дигарро ҳам **дӯст** гуфтан мумкин? Чаро?
- **Некӣ** чист? **Бадӣ** чист?

Хонед ва аз ёд кунед:

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

**Саъдии Шерозӣ**

Ҳарфҳоро дар ҷойи дуруст гузошта калима созед:




## РӮЗИ ҒАЛАБА

Ҷанг давом дошт. Салоҳро ба ҷанг бурданд. Модар роҳи ӯро мепойид. Гоҳ-гоҳ аз ӯ мактуб меомад. Модар мехонд, чашмонаш пурнур мешуданд. Дилаш пур буд. Кор дар ақибгоҳ хеле душвор буд. Ба ҷойи мардони ба ҷанг рафта занону духтарон кор мекарданд. Панҷ-шаш моҳ аз Салоҳ мактуб наомад. Модар сахт хавотир шуд. Хушбахтона, рӯзе хаткашон хат овард. Модари Салоҳ хатро ба дидагонаш молиду ба хондан сар кард:

«Модарҷон! Мо душманро то хонааш пеш кардем. Парчами зафарро бардоштем. Мо ғалаба кардем! Ба ман ордени **Ситораи сурх** доданд».

Модар бо чашмони пур аз оби дида гиребонашро дошта, шукри сулҳ ва чунин фарзандро мекард.

**зафар** – ғалаба, пирӯзӣ
**орден** – нишон, мукофоти Ватан.

• Салоҳро куҷо бурданд?
• Вазъият дар ақибгоҳ чӣ гуна буд?
• Модар аз чӣ шукр мекард?

## СУРУДИ САРБОЗ

Ман сарбози Ватанам,
Чашми бози Ватанам.
Гӯш андозам доимо
Ба овози Ватанам.
Дар сина метапад дил
Ба ҳарсози Ватанам.

**Бобо Ҳоҷӣ**




Маънои суратро бо ёрии устод шарҳ диҳед.

Ҷумлаҳоро пурра карда, нависед.
Модар сахт ....
Парчами ... бардоштем.

# БОҒИ ИНСОН



 Аз рӯйи расм суҳбат кунед.





Бобои Хирад дарвозаи боғи навбатиро кушоду гуфт:

– Ин боғ **ИНСОН** ном дорад. Инсон, яъне мову шумо, ҳама одамон. Шумо аллакай бо зӯрӣ ва тавоноии инсон шинос шудед: шаҳрҳо, мошинҳо, биноҳо, радио, телевизор, компютер – ҳамаи инро инсон сохтааст. Инсони доно сохтааст. Бузургии инсон ҳам дар дониши ӯст. Ба шумо роҳи сафед, азизакон! Ба боғи **ИНСОН** равед ва биомӯзед, ки чӣ хел бузург шудан мумкин аст.

Азизҷону Азиза ба бобои Хирад бо меҳри кӯдакона ташаккур гуфтанд ва шодон ба боғи **ИНСОН** даромаданд.

**ташаккур** – раҳмат
**инсон** – одам
**тавоноӣ** – қудрат, бузургӣ



Хонед, нависед ва аз ёд кунед:

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.

**Саъдии Шерозӣ**



**Кор дар гурӯҳҳо:** Маънои калимаҳоро шарҳ диҳед ва гӯед, ки ҳар яки онҳо чӣ хусусият доранд ва барои чӣ лозиманд?

1. тайёра
2. қатора
3. мошин
4. киштӣ
5. радио
6. телефон
7. компютер
8. телевизор

Ю

ю

Зиндаю ҷовид монд
ҳар кӣ накуном зист.

## ФАРИШТАМОҲ

(Афсона)

Буд, набуд, як подшоҳ буд. Ӯ як духтари зебову доно дошт. Номи духтараш Фариштамоҳ буд. Вақте Фариштамоҳ калон шуд, эълон кард, ки касеро ба шавҳарӣ қабул мекунад, ки беҳтарин чизи дунёро ба ӯ ҳадя кунад. Се шоҳзода талабгори ӯ шуданд. Онҳо ба ҷустуҷӯйи беҳтарин туҳфа ба роҳ баромаданд.

Шоҳзодаи якум як оина ёфт. Он ҳама ҷойи оламро нишон медод. Онро оинаи ҷаҳоннамо мегуфтанд.

Шоҳзодаи дуюм аспи паррон ёфт. Он парвоз мекард ва савори худро, ба ҳар ҷое ки хоҳад, зуд мебурд.

Шоҳзодаи сеюм як дарахти себ ёфт. Ҳар шахси бемор он себро хӯрад, зуд сиҳат мешуд.

Ҳар яке аз онҳо гумон мекард, ки туҳфаи беҳтаринро ёфтааст ва соҳиби Фариштамоҳ мешавад.

Шоҳзодаҳо дар як сароҳа бо ҳам вохӯрданд. Онҳо хостанд, ки аз ҳоли шоҳдухтар хабардор шаванд.

Шоҳзодаи якум оинаи худро ба кор андохт. Онҳо диданд, ки Фариштамоҳ бемори вазнин шудааст ва табибон дар гирди ӯ ҷамъ омадаанд. Шоҳзодаи дуюм ҳамаро ба аспи паррони худ савор кард. Онҳо ба назди Фариштамоҳ омаданд. Шоҳзодаи сеюм себи худро ба ӯ дод. Фариштамоҳ себро хӯрда, шифо ёфт. Аммо баъд аз ин байни шоҳзодаҳо моҷаро хест.

Шоҳзодаи якум гуфт:

– Фариштамоҳ аз они ман аст. Агар оинаи ман намебуд, мо аз бемориаш хабардор намешудем.

Шоҳзодаи дуюм гуфт:

– Фариштамоҳ аз они ман аст. Агар аспи паррони ман намебуд, мо зуд ба ин ҷо омада наметавонистем.

Шоҳзодаи сеюм гуфт:

– Фариштамоҳ аз они ман аст. Агар себи ман намебуд, ҳеҷ кас ӯро табобат карда наметавонист.



**моҷаро** – ҷанҷол
**табиб** – пизишк, духтур
**бемори вазнин** – касали сахт
**гумон кардан** – фикр кардан
**табобат кардан** – сиҳат кардан, шифо додан
**ҳадя** – туҳфа

**Бачаҳои азиз!** Ба фикри шумо, кадом туҳфа беҳтарин аст? Ба Фариштамоҳ ёрӣ диҳед, ки яке аз онҳоро интихоб кунад.

Мазмуни афсонаро нақл кунед.

- Одамон парвоз карда метавонанд? Бо чӣ?
- Оё ягон оинае ҳаст, ки тамоми оламро ба мо нишон диҳад? Номи он чист?
- Агар бемор шавем, чӣ мехӯрем?
- Ҳамаи он чизҳоеро, ки гуфтем, кӣ сохтааст?

Афсонаро ба қисматҳо ҷудо карда хонед.

Охири афсонаро хонед ва хулосаҳои худро бо он муқоиса кунед.

Фариштамоҳ ҳайрон шуд. Ҳамаи шоҳзодагон барои наҷоти ӯ ёрӣ расонданд. Аммо кадомеро интихоб кунад? Охир, ӯ намехост касеро ранҷонад. Фикр кард, фикр кард ва ба хулосае омад, ки туҳфаҳои онҳоро намегирад. Фариштамоҳ ба шоҳзодаи якум оинаро баргардонида дод ва барои хизматаш ба шоҳзода туҳфаи хубе дод. Ба шоҳзодаи дуюм ҳам ташаккур гуфту аспи парронро баргардонид ва барои ёрияш туҳфаю пули бисёр дод. Аммо... Бо шоҳзодаи сеюм чӣ кор кунад? Охир, себи шоҳзодаро хӯрда буд! Фариштамоҳ ноилоҷ шоҳзодаи сеюмро ба шавҳарӣ қабул кард. Онҳо солҳои дароз хушбахтона зиндагӣ карданд.

Ба ҳиҷоҳои сутуни якум аз сутунҳои дуюму сеюм ҳиҷоҳои мувофиқро ёфта, калима созед ва нависед:

| | | |
|---|---|---|
| аф | зо | хоб |
| шоҳ | ти | гӣ |
| зин | со | да |
| ин | ло | са |
| ху | да | на |

Хоначаи мобайниро пур карда, ҷумлаҳоро нависед:

| | | |
|---|---|---|
| Шоҳзодаи якум | ............. | ёфт |
| Шоҳзодаи дуюм | ............. | ёфт |
| Шоҳзодаи сеюм | ............. | ёфт |

Афсонаро пурра нақл кунед.

## ДАР МАКТАБИ КАЙҲОННАВАРДӢ



**Бачаҳои азиз!** Шабонгаҳ ба осмон назора карда, ситоразори беохирро мебинед, ки гӯё ҳисоб надошта бошад. Оё шумо медонед, ки кайҳон чӣ гуна ҷой аст ва ба он ҷо кӣ рафта метавонад? Барои он ки ба кайҳон парвоз намоед, бояд китоби бисёре хонед. Кайҳоннавардони имрӯза китоби бисёр мехонанд. Кайҳоннаворд медонад, ки киштии кайҳонӣ чӣ гуна кор мекунад. Осмон пур аз ситораҳост. Кайҳоннаворд медонад, ки ситораҳо чӣ ном доранд ва чӣ хел ҳаракат мекунанд. Бале! Ситораҳо ҳам ном дошта, аз якдигар фарқ мекунанд. Мехоҳед, ки кайҳоннаворд шавед?

**Пас, биёед, нағз хонем!**

Ч

ч

Бигӯй илмиро, агар дар Чин бошад.

Гӯед, ки ин чизҳо барои чӣ лозиманд?

- Мошин, трактор, комбайн;
- Радио, телевизион, магнитофон;
- Телефон, компютер;
- Қатора, тайёра, киштӣ.

Ҳамаи ин чизҳо бо қувваи дасту ақли инсон сохта шудаанд. Бузургии инсон дар ақлу дониши ӯст. Дониш мададгори инсон аст.

1. Ос-мон, кай-ҳон, си-то-ра, кай-ҳон-на-вард.
2. Бузургии инсон дар ақлу дониши ӯст.

## ХОБ ДОНОСТ Ё ШАМОЛ?

Рӯзе як писарак дар саҳро рама мечаронид. Дар дасташ як пора нон буд. Ногоҳ аз куҷое Шамол пайдо шуд. Вай шувваскунон дар гирди писар давр мезад. Инро Хоб дида, гуфт:

– Эй Шамол, ту чӣ кор карда истодаӣ?

–Мехоҳам, ки аз дасти ин писарак нонро рабоям.

– Не! – гуфт Хоб. – Наметавонӣ! – Ман зӯрам, – ҷавоб дод Шамол. Худи ҳозир нони ӯро аз дасташ меафтонам. Вале ба зудӣ Шамол хеле хаста шуд. Ӯ аз уҳдаи ин кор набаромад.

– Барои ин кор зӯрӣ не, балки доноӣ лозим аст,– гуфт Хоб ба Шамол. –Бубин, ман чӣ кор мекунам.

Хоб ноаён ба пайкари писар даромад. Ӯро ҳамоно хоб бурду нон аз дасташ афтид.

– Ана, дидӣ? – гуфт Хоб. – Хеле кӯшиш карда бошӣ ҳам, аз дастат ҳеҷ кор наомад. Аммо ман баосонӣ ин корро кардам.

Ҳамин тавр Хоб ғолиб омад.

**Азизи Азиз**

Аз сутуни дуюм калимаҳои ҳаммаънои сутуни аввалро ёбед ва ба дафтар нависед:

| | |
|---|---|
| ғолиб | монда шудан |
| рабудан | тан, ҷисм |
| хаста шудан | пирӯз, баранда |
| пайкар | дуздидан |

Шарҳи ифодаҳо:

**1. Аз уҳдаи ин кор набаромад.**

– Ин корро иҷро карда натавонист.

**2. Ноаён ба пайкари писар даромад.**

– Пинҳонӣ (номаълум) ба тани писар даромад.

**3. Аз дастат ҳеҷ кор наомад.**

– Ҳеҷ кор карда натавонистӣ.

Хонед ва аз ёд кунед:

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

**Абулқосими Фирдавсӣ**

Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

**Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Баъзан дар афсонаҳо чизҳои беҷон низ мисли одамон гап мезананд. Барои ҳамин ҳарфи аввали номи онҳо низ бо шакли калон навишта мешавад:

Дарахти зиндагӣ, Хоб, Шамол, ...

Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол.

## ОДАМОН ДАР ОСМОН



Одамон аз қадим орзу мекарданд, ки ба осмон парвоз кунанд. Ин орзуи худро онҳо дар афсонаҳо бо аспи паррон ва гилеми паррон тасвир мекарданд. Барои ба ин мақсад расидан ҳазорон сол лозим шуд.

Сад сол пеш аввалин тайёраҳо сохта шуданд. Аммо одамон мехостанд боз ҳам баландтар парвоз кунанд. Барои ин мушакҳо ва киштиҳои кайҳониро сохтанд. Ниҳоят, аввалин бор дар ҷаҳон Юрий Гагарин ба кайҳон парвоз кард. Ҳоло дар осмон кайҳоннавардон ҳамеша кор мекунанд.

Дар мавзӯъҳои зерин суҳбат кунед:
- Афсона чист? Ҳақиқат чист?
- Шумо чӣ орзу доред? Барои чӣ?

Зиндагӣ бе орзу ширин набуд,
Зиндагиро орзу ширин намуд.



## ТАКРОРИ БОБИ «ИНСОН»

Азизҷону Азиза чӣ будани бузургии инсонро фаҳмиданд. Онҳо фаҳмиданд, ки одамон барои беҳтару осонтар шудани кору зиндагӣ мошину трактор, қатораю тайёра, яхдону чангкашак, телефону компютер, радиою телевизор ва бисёр чизҳои дигар сохтаанд. Онҳо низ дар дил орзу карданд, ки нағз хонда олим шаванд ва боз бисёр чизҳои нав созанд.

Бобои Хирад мисли ҳамеша Азизҷону Азизаро хуш истиқбол кард.

– Хуб, набераҳои азиз, – гуфт ӯ, – канӣ, гӯед, кӣ аз ҳама донотару бузургтар будааст?

– Одами олим! – гуфт Азизҷон.

– Одами нотарс! – гуфт Азиза.

– Кайҳоннавард! – гуфт Азизҷон.

– Шумо, furthermore бобоҷон! – гуфт Азиза хандида.

Бобои Хирад беихтиёр табассум карду гуфт:

– Шумо дуруст мегӯед. Олиму донишманд бузург аст. Аммо медонед, ки олиму донишманд аз куҷо пайдо мешавад?

– Аз хондан, аз мактаб, аз муаллим! – гуфтанд бачаҳо.

Бобои Хирад боз табассум карду гуфт:

–Аммо аз мактабу муаллим пештар МОДАР аст, азизонам! Ҳама бузургон пеши модарон таъзим мекунанд. Бузургии инсон ҳам аз аллаи ширини модар сар мешавад. Модар бо афсонаҳояш бузургиро дар дили фарзанд мепарварад. Модар бо дуояш моро ба бузургӣ ҳидоят мекунад.

Нависед ва маъноящро шарҳ диҳед:

Олими беамал – занбӯри беасал.

Бо ҳар ҳарфи калимаи **СИТОРА** калимаи нав пайдо кунед:

| С | И | Т | О | Р | А |
|---|---|---|---|---|---|
| | Н | | С | | |
| | С | | М | | |
| | О | | О | | |
| | Н | | Н | | |

## МОДАР

Ҳамдаму ғамгусори ман,
Боиси ифтихори ман,
Авҷи ману барори ман –
Модари меҳрубони ман.

**Саидқул Сабзаев**

*Ҷ ҷ*

*ҷ*

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

Бобои Хирад пеш аз додани калиди навбатӣ ба Азизҷону Азиза чунин савол дод:

– Шумо то имрӯз дар кадом боғҳо будед?

Бачаҳои азиз! Биёед, ба дӯстонамон – Азизҷону Азиза ёрӣ диҳем, то ки онҳо соҳиби калиди нав шаванду бо мо боз ба як боғи дигар раванд.

# БОҒИ ВАТАН



Номи боғҳоро хонед. Онҳоро аз рӯйи тартибашон ҷобаҷо гузоред:

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |

БӮСТОН, МАКТАБ, ҲАЙВОНОТ, ОИЛА, ШАҲР, ИНСОН, ДӮСТӢ, ДЕҲА, ХОНА.

Аз калимаҳои сутуни аввал ҳиҷо ё ҳарфи додашударо тарҳ карда, ба ҳосили он ҳиҷо ё ҳарфҳои дигарро ҷамъ кунед ва калимаҳои нави ҳосилшударо нависед. Калимаҳои ҳосилшуда номи боғҳое ҳастанд, ки омӯхта будед. Калимаи охир номи боғи нав аст. Намуна: оина – на = ои; ои + ла = оила.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| оина | – | на | + | ла | = | оила |
| хониш | – | ниш | + | на | = | |
| амак | – | а | + | таб | = | |
| сабӯс | – | са | + | тон | = | |
| ҳайбат | – | бат | + | вонот | = | |
| дег | – | г | + | ҳа | = | |
| шакар | – | кар | + | ҳр | = | |
| дӯстон | – | он | + | й | = | |
| ширин | – | шир | + | сон | = | |
| ҷилва | – | ҷил | | тан | = | |

Ба гурӯҳҳо ҷудо шавед. Ҳар гурӯҳ як боғро интихоб карда, онро барои дигарон тавсиф мекунад.

Азизҷону Азиза бо ёрии бачаҳо соҳиби боз як калид шуданд. Ин калиди одӣ набуд, балки аз тилло буд. Бобои Хирад бачаҳоро ба сӯйи дарвозаи боғи ВАТАН бурд ва гуфт:

– Ҳамаи он чиро, ки дидеду омӯхтед, ВАТАН мегӯянд. Ба боғи ВАТАН биравед. Онро дӯст доред. Ҳифз кунед. Обод кунед! Роҳи сафед, бачаҳои азиз!

## ВАТАН

Ватани ман – ҷони ман,
Нури ду чашмони ман.
Оғӯши дилрабоят
Роҳати равони ман.
Обаки шӯхи ҷӯят
Қуввату дармони ман.
Саҳрои дилкушоят
Боғу гулистони ман.
Бо ту кунам ифтихор,
Эй Ватанам, Ватанҷон!
Бо ту манам бахтиёр,
Эй Ватанам, Ватанҷон!

**Мавҷуда Ҳакимова**

*Р*

*р*

*Рост гуфтан амон аст.*

Банди охири шеърро аз ёд кунед.

Ватани мо Тоҷикистон аст. Мо Ватани худро дӯст медорем.

Аз рӯйи нақша мафҳуми ВАТАНро шарҳ диҳед.




Дар бораи Нишон ва Парчами Тоҷикистон суҳбат кунед.







Ҳар шахс ватан дорад. Номи Ватани мо Тоҷикистон аст. Ҳар давлат ном дорад. Номи давлати мо Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Ҳар давлат нишон, парчам ва суруди миллӣ дорад.

Ҳар давлат сарвар дорад. Сарвари давлатро президент мегӯянд. Президенти давлати мо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Эмомалӣ Раҳмон ғамхори бачагон аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парчам, Суруди миллӣ, Нишон, Президент, Сулҳ.

Ҳарфи аввали калимаҳои ифодакунандаи рамзҳои давлатии Тоҷикистон бо шакли калон навишта мешавад: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Тоҷикистон, Суруди миллӣ, Нишон, Парчам.

Аз рӯйи суратҳо суҳбат кунед:

## МАНЗАРАҲОИ ВАТАНИ МО



Маънои зарбулмасалро шарҳ диҳед ва ба хотир гиред:

Шахси беватан – булбули бечаман.

Забон нишони ҳастии миллат аст. Забони тоҷикӣ забони модарии мост.

## ЗАБОНИ МОДАРИИ МО

Қадимию ҷавонӣ ту,
Хушоҳангу равонӣ ту.
Чу баҳри бекаронӣ ту,
Ба дурру маънӣ конӣ ту,
Забони модарии мо,
Забони модарии мо.

Забони Саъдию Ҳофиз,
Забони Рӯдакӣ ҳастӣ,
Ба мо илму адабомӯз
Зи даври кӯдакӣ ҳастӣ,
Забони модарии мо.
Забони модарии мо.

Шавӣ то боз бурротар,
Хушоҳангу гуворотар,
Туро покиза медорам
Барои ҳурмати модар.
Забони модарии мо,
Забони модарии мо.

**Нозирҷон Боҳирӣ**

**хушоҳанг** – хушовоз; **дур(р)** – гавҳар, ганҷ; **бекарон** – беохир, беканор; **покиза** – тоза

*З*

*з*

*Забони покро ҳайф аст бисёр,*
*Ки аз лафзи дурӯғ олуда созӣ.*

Калимаҳои **бурро** ва **бурротар** аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

Бо иловаи пасванди **тар** шакли калимаро тағйир диҳед ва маънои онро шарҳ диҳед:

**Намуна:**

калон – калон**тар**.

| | |
|---|---|
| зебо | + тар |
| гарм | |
| ширин | |
| нағз | |

Шеърро хонед ва пора-пора аз ёд кунед.

## СУЛҲИ ВАТАН




Бахту нишоти мо бубин,
Тоза ҳаёти мо бубин.
Дар роҳи сулҳ устувор
Азму суботи мо бубин.

Сулҳ – садоқати замон,
Сулҳ – умеди модарон.
Сулҳ – ливои дӯстӣ,
Сулҳ – ҳаёти ҷовидон.

Сулҳ ба мо сафо диҳад,
Давлати бебаҳо диҳад,
Кишвари мо барои сулҳ
Дар ҳама ҷо садо диҳад.

Ваҳдати мо – нишони сулҳ,
Ҷаҳони мо – ҷаҳони сулҳ.
Эй, зиҳӣ миллате, ки шуд
Миллати қаҳрамони сулҳ.

**Олимхон Исматӣ**

**нишот** – шодӣ
**ваҳдат** – ягонагӣ
**устувор** – мустаҳкам
**зиҳӣ** – зинда бош
**ливо** – парчам
**азму субот** – меҳнат, саъю кӯшиш

• Сулҳ ба мо чӣ медиҳад?
• Чаро шоир миллати моро «миллати қаҳрамони сулҳ» гуфтааст?
• Калимаи **ваҳдат** ё **ягонагӣ** чӣ маъно дорад?

## ИТТИФОҚ

Подшоҳе буд, ки ҳафт писар дошт. Рӯзе вай касал шуду ҳис кард, ки умраш ба охир расидааст. Ҳафт писарашро пешаш даъват карда, ба дасти ҳар кадомаш яктоӣ химча доду фармуд, ки онҳоро шикананд.

Писарҳо химчаҳоро осон шикастанд. Баъди ин подшоҳ ҳафт химчаи дӯлонаро гирифту якҷоя карда, бонавбат ба дасти писаронаш дод, ки шикананд. Ҳафт писар зӯр заданд, аммо ҳеҷ кадоме онро шикаста натавонист.

Подшоҳ гуфт:

– Писаронам, агар шумо мисли ҳамин химчаҳо якҷоя бошед, аз як гиребон сар бароварда, дар иттифоқ зиндагӣ кунед, яке бар дигаре зид нашавед, манфиати худро аз дигаре боло нагузоред, шуморо ҳеҷ кас шикаст дода наметавонад. Вале агар акси инро кунед, ба он химчаи танҳо монанд мешавед, ки ҳар кас метавонад ба осонӣ шуморо бишканад.

Маънои ифодаҳоро бо ёрии устод шарҳ диҳед:
• аз як гиребон сар баровардан;
• дар иттифоқ зиндагӣ кардан;
• манфиати худро аз дигаре боло нагузоштан;
• шикаст додан.

Афсонаро нақл кунед.

## ТАКРОРИ БОБИ “ВАТАН”

Шодиву хурсандии Азизҷону Азиза ҳадду канор надошт. Онҳо фаҳмиданд, ки танҳо нестанд, дар шаҳру деҳаҳои дигар ҳамсолон доранд. Донистанд, ки дар сарзамини сабзу хуррам ва дар фазои сулҳу дӯстӣ зиндагӣ мекунанд.

Бо Нишону Парчам ва Суруди миллӣ шинос шуданд. Ба Ватани худ меҳр бастанд. Фаҳмиданд, ки хонаи онҳо, мактаби онҳо, шаҳру деҳаи онҳо як пораи хоки Ватан аст. Донистанд, ки иттифоқу ваҳдат кишварро ободу зебо мекунад.

Манзараи Тоҷикистонро тасвир кунед.

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| * | Р | А | Ш | Т | * | * | * | * | * | * | * |
| * | * | * | Х | О | Р | У | Ғ | * | * | * | * |
| * | * | Х | У | Ҷ | А | Н | Д | * | * | * | * |
| * | * | * | Ҳ | И | С | О | Р | * | * | * | * |
| * | * | * | * | К | Ӯ | Л | О | Б | * | * | * |
| * | * | * | * | И | С | Ф | А | Р | А | * | * |
| * | Т | У | Р | С | У | Н | З | О | Д | А | * |
| * | * | И | С | Т | А | Р | А | В | Ш | А | Н |
| Қ | Ӯ | Р | Ғ | О | Н | Т | Е | П | П | А | * |
| Д | У | Ш | А | Н | Б | Е | * | * | * | * | * |

Номи шаҳрҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед:

**Намуна:** Тур-сун-зо-да.

Мо дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунем.





# ВАТАН

Васфи ту, Ватан – Модар,
Аз шавқ ҳама хонем.
Аз дидаву дил беҳтар
Имрӯз туро донем.

Зебо Ватани моӣ,
Гулбоғу дилоройӣ,
Пурзӯру тавоноӣ,
Машҳур ба дунёӣ.

Ҳар зарраи хокатро
Чун дида нигаҳбонем.
Тайёр ба ҳифзат мо
Доим зи дилу ҷонем.

Зебо Ватани моӣ,
Гулбоғу дилоройӣ,
Пурзӯру тавоноӣ,
Машҳур ба дунёӣ.

**Боқӣ Раҳимзода**



| Менависем | Мехонем |
|---|---|
| Зебо ватани моӣ | зе-бо ва-та-ни мо-йӣ |
| Пурзӯру тавоноӣ | пур-зӯ-ру та-во-но-йӣ |
| Машҳур ба дунёӣ | маш-ҳур ба дун-йо-йӣ |




Бобои Хирад низ хеле хушҳол шуд. Ӯ аз пешрафту комёбиҳои Азизҷону Азиза меболид. Бобои Хирад Азизҷону Азизаро ба оғӯш гирифт, бӯсид ва гуфт:

– Ман хеле хушбахтам, фарзандони азиз! Шумо бисёр чизро омӯхтед. Акнун ман ором шудам, зеро медонам, ки ояндаи Ватани мо дурахшон аст. Агар ҳамаи бачаҳо мисли шумо нағз хонанд, боодоб шаванд, калонсолонро эҳтиром кунанд, меҳнатдӯст шаванд, кишвари мо, албатта, ободу зеботар мешавад.

Таътили тобистона интизори шумост. Нағз истироҳат кунед. Аммо китобу дафтарро ҳам фаромӯш накунед. Дар хотир доред, ки донишомӯзӣ таътил надорад. Ғами фардоро имрӯз хӯред.

Ба шумо роҳи сафед, фарзандони азизам!

Азизҷону Азиза ба бобои Хирад аз дилу ҷон ташаккур гуфтанд ва ваъда доданд, ки аз рӯйи насиҳатҳо ва маслиҳатҳои ӯ зиндагӣ ва таҳсил мекунанд.

## ТОБИСТОН

Тобистон фасли гармтарини сол аст. Он баъд аз фасли баҳор меояд. Дар ин фасл рӯзҳо дарозтар ва ҳаво гармтар мешавад.

Тобистон фасли дӯстдоштаи бачагон аст. Онҳо ба таътили тобистона мебароянд. Як гурӯҳ бачагон дар фасли тобистон ба фароғатгоҳҳо мераванд. Гурӯҳи дигар ба деҳа – ба назди бобою бибиашон мераванд. Тобистон фасли истироҳат аст.

Моҳҳои тобистон кадоманд?

- Чаро таътили тобистона мегӯем?
- Бачагон дар таътил чӣ кор мекунанд?
- Шумо дар тобистон чӣ кор мекунед?

Аз рӯйи нақшаҳо ҷумла нависед.

1. ________ ________ _____.
2. ________ ________ _______.



Фасли тобистон вақти оббозӣ аст. Дар кӯлҳо, ҳавзҳо, ҷӯйҳо ва дарёҳо оббозӣ кардан ба кас мефорад. Фақат эҳтиёт шудан лозим аст.

Аз рӯйи сурат сухбат кунед.

Фаслҳои солро бо моҳҳо нависед:
Зимистон – декабр, январ, феврал;
Баҳор – март, апрел, май;
Тобистон – июн, июл, август;
Тирамоҳ – сентябр, октябр, ноябр.

Й
й
Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй.

## ДАР РӮЗАКИ ТОБИСТОН

Байни бачаҳо нақшҳоро тақсим кунед. Ҳар кас порчаи худашро аз ёд карда мехонад.

### МӮРЧАЯК

– Мӯрча, эй мӯрча,
Майдаяки зӯрча,
Аз саҳар зери борӣ,
Чиро хона меорӣ?
–Аз пайи як-ду дона,
Дона барам ба хона.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.





### ЗАНБӮРИ АСАЛ

–Оруяк, эй оруяк,
Оруяки хушрӯяк,
Сафар аз саҳар дорӣ,
Куҷо ту сафар дорӣ?
–Равам ба сӯйи саҳро,
Оварам шаҳди гулро.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

### САНҶОБАК

– Санҷобак, эй санҷобак,
Санҷобаки камхобак,
Ин қадар мешитобӣ,
Ин қадар чӣ мекобӣ?
–Мағз барам ба хона,
Аз шоха як-ду дона.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.



## КАЛЛАМУШАК



– Калламушак, калламуш,
Калламушаки баҳуш,
Чаро замин мекобӣ,
Чӣ аз замин меёбӣ?
– Хона бино мекунам,
Донаро ҷо мекунам.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

## ХАРГӮШАК

– Харгӯшак, эй харгӯшак,
Харгӯшаки хомӯшак,
Ту ҳам машғули корӣ,
Дар дастакат чӣ дорӣ?
–Сабзӣ дораму карам.
Ба хонаам мебарам.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.



## БУЛБУЛАК

–Булбулак, эй булбулак,
Ошиқи рӯйи гулак.
Чаро ту беқарорӣ,
Даме роҳат надорӣ?
–Аз барои мӯрча,
Майдаяки зӯрча.
Аз барои оруяк,
Оруяки хушрӯяк.
Аз барои санҷобак
Санҷобаки бехобак.

Аз барои калламуш,
Калламушаки баҳуш.
Аз барои харгӯшак,
Харгӯшаки хомӯшак
Таронаҳо мехонам,
Мадҳу сано мехонам,
Ки мехӯранд тобистон
Ғами рӯзи зимистон.

**Убайд Раҷаб**

## ТАКРОР. ХАЙР МАКТАБ! ХУШ ОМАДӢ, ТОБИСТОН!




Бобои Хирад аз натиҷаи саёҳати Азизҷону Азиза дар боғи ДОНИШ хеле шод шуд. Ӯ пеш аз хайрухуш дасти дуо бардошту дар васфи ҳар яки онҳо шеър гуфт. Бачагон низ дар васфи устод шеър хонданд:

### БА АЗИЗҶОН

Азизи хонадони мо,
Фурӯғи ҷисму ҷони мо,
Насими гулфишони мо,
Дурахши ахтарони мо,

Асал шавӣ, шакар шавӣ,
Ниҳоли пурсамар шавӣ,
Ба ҳама тоҷи сар шавӣ,
Нишонаи падар шавӣ.

Ба пойи худ равон шавӣ,
Ягонаи ҷаҳон шавӣ.
Ба модару ба хоҳарат
Азизу меҳрубон шавӣ!

### БА АЗИЗА

Духтари донои мо,
Гавҳари зебои мо.
Нури ду чашмони мо,
Қобилу яктои мо.

Чун гули хандон шавӣ,
Зеби гулистон шавӣ.
Ахтари рахшон шавӣ,
Нури шабистон шавӣ!

Пиндори ту шавад нек,
Гуфтори ту шавад нек
Чун ворисн сазовор
Рафтори ту шавад нек!

### БА УСТОД

Сирати инсон ба мо устод дод,
Одамиятро ба мо ӯ ёд дод.
Чашми моро, эй басо, бино намуд.
Оламеро ҷо ба чашми мо намуд.
Баски моро сею чору панҷ дод,
Ӯ ба дасти мо калиди ганҷ дод.

**Азим Байзоев**





Азизҷону Азиза намедонистанд, ки дар тобистон чӣ кор кунанд. Хеле монда шуда буданд, бинобар ин мехостанд истироҳат кунанд. Аммо метарсиданд, ки агар фақат истироҳат кунанд, дониши азхудкардаашон фаромӯш мешавад. Боз барои ёрӣ ба назди бобои Хирад омаданд. Бобои Хирад пешниҳод кард, ки ҳам бозӣ кунанд, ҳам омӯзанд.

– Чӣ хел? Ҳам бозӣ, ҳам омӯхтан? – ҳайрон шуданд бачаҳо.

– Албатта, ҳам бозӣ, ҳам омӯхтан! – такрор кард бобои Хирад ва фаҳмонд:

– Ман ба шумо чанд бозиро мегӯям. Онҳо бозиҳои одӣ не, бозиҳои шавқовару омӯзанда. Яъне ҳангоми бозӣ кардан шумо бисёр чизро меомӯзед. Чунин бозиҳоро иҷро кунед ва худатон ҳам бозиҳои дигарро ташкил кунед.



ъ

аъло

То ҷон наканӣ, санги сиёҳ,

лаъл нагардад.

# БОЗИҲОИ ОМӮЗИШӢ

## 1. НОМЁБӢ



– Се ҳарф дорад.
– Себ.
– Не. Ҳарфи аввалаш «Н».
– Нок.
– Не. Он мева нест. Аммо онро низ мехӯранд.
– Нон.
– Офарин! Ёфтӣ!

## 2. БОҒИ ҲАЙВОНОТ

Бо хонандагон давра истода, дар бораи саёҳат ба боғи ҳайвонот суҳбат мероем. Устод мепурсад, ки дар боғ кадом ҳайвонотро дидаанд. Бачаҳо бонавбат номбар мекунанд: фил, тимсоҳ, маймун, шер...

Устод савол медиҳад:

– Фил чӣ гуна аст?

Бачаҳо ҷавобҳои худро бонавбат мегӯянд:

– Фил гӯшҳои калон, хартум, пой, дум дорад. Калонҷусса аст.

– Тимсоҳ чӣ гуна аст?

– Тимсоҳ даҳони калон дорад, дар об шино мекунад, чор пой дорад, ҳайвон аст.

Баъд устод аз бачаҳо хоҳиш мекунад, ки то се шуморанд. Бачаҳоро ба гурӯҳҳои сенафара ҷудо карда, мақсади бозиро ба онҳо мефаҳмонад. Ҳангоми номбар кардани номи ҳайвоне бояд хонандагон шакли онро нишон диҳанд.

Масалан, устод «фил» мегӯяд. Аз хонандагони гурӯҳи аввал ду нафари паҳлуӣ гӯшҳои филро нишон дода, хонандаи мобайнӣ хартуми филро нишон медиҳад.

Баъди супориши навбатӣ, ки тимсоҳ аст, ду хонандае, ки аз ду паҳлу истодаанд, бо дастонашон ба ду тараф обро тела медиҳанд, хонандаи мобайнӣ бо дастонаш даҳони тимсоҳро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр бо супориши устод ҳар як ҳайвонро хонандагон тақлид мекунанд.

## 3. ҚУТТИИ СЕҲРНОК

Қуттии аз қаҳва холишударо гирифта, дар он ягон чизи хурдро ҷой мекунем. Аз хонандагон мепурсем, ки дар қуттӣ чист. Хонандагон барои ёфтани он чиз ба устод ҳар саволи дилхоҳро дода метавонанд. Масалан, онҳо мепурсанд:

– Ин сахт аст?

– Оҳанин аст?

– Онро шикастан мумкин аст?

– Калон аст ё хурд?

Саволҳоро то ёфтани ҳамон чиз давом медиҳанд.

Ин бозӣ ба хонандагон барои инкишофи малакаи озодона баён кардани фикри худ мусоидат мекунад.

# ЧИСТОН - БОЗИҲО






## КАЛИМАЁБӢ



Мағз хоҳӣ, бирав Ванҷ,
«.......»-и он ҳамчу ганҷ.



«.......» роҳати ҷон,
Дар Шаҳритус пазад он.



«.......»-и Исфара
Бар дилу ҷонат фараҳ.



«......»-и Истаравшан,
Мадору қуввати тан.



Ғончӣ макони «.....»,
Овозадору машҳур.



Ширин «....»-и Норак,
Дар боғи нав муборак!



«...»-и болаззати Ғарм,
Дилҳоро мекунад гарм.



Бомаза «.....»-и Панҷ,
Дар кӯҳу пушта чун ганҷ.

## ИЛОВАҲО

Омӯзгорони азиз, падару модарони гиромӣ!

Маводди ин қисмати китоб барои истифода ҳам дар чараёни дарс ва ҳам дар алоҳидагӣ бо хонандагон пешниҳод шудааст. Тавре медонем, маҳорату истеъдоди шогирдон яксон нест. Вобаста ба сатҳи омодагии хонандагон ва бо дарназардошти хусусиятҳои мактаб (таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, синфҳо (мактабҳо)-и камнуфус ва ғайра) онҳоро самаранок истифода баред.

Қисме аз ин маводро интихобан вобаста ба хусусиятҳои инфиродии ҳар хонанда низ дар ҳамкорӣ бо падару модарон ва калонсолони хонавода истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар таътили тобистона низ аз ин мавод истифода бурда, бо хурдтаракон машғул шавед.

## ҲИКОЯҲО

### АНБӮР ВА АРРА

Анбӯр ва Арра баҳс карданд. Анбӯр гуфт:

– Ман чунон зӯрам, ки бо дандонҳоям мехи оҳаниро мегазам.

Арра гуфт :

– Ман аз ту зӯртарам, зеро ман ғӯлачӯбро хоида аз ҳам чудо мекунам.

Ба баҳси Анбӯру Арра табар ҳамроҳ шуда гуфт:

– Шумо бе панчаю бозувони одам зӯр нестед.

## ГУЛУ ГУЛДОН ВА ХОК

Буд, набуд, як гулак буд. Ӯ дар гулдони пурнақшу нигоре зиндагӣ мекард. Дар байни гулу гулдон мусобиқаи худтаърифкунӣ мегузашт. Ҳар яке худашро беҳтарин меҳисобид. Танҳо хоки даруни гулдон хомӯш буд. Гулу гулдон чунон аз худ рафтанд, ки ба хок ҳам ҳуҷум карданд. Хокро ҳақорат карда, таҳқир менамуданд, ҳатто лагадкӯбаш мекарданд, аммо хок хомӯш буд.

Рӯзе гурбаи ҳамсоя ба хона даромаданӣ шуда ба гулдон дакка хӯрд. Гулдон афтиду шикаст. Доду войи гулу гулдон хонаро пур кард. Вале хок боз хомӯш буд.

Соҳибхона омаду дид, ки гулдон шикастааст.

–Афсӯс, лекин “чӣ чора” гуфту гулдону гули шикастаро рӯфта бурда, ба сатили ахлот партофт. Хоки гулдонро ҷамъ карда, худ ба худ гуфт:

–Ин хоки хубу серҳосил аст, онро ба гулдони нав андохта, гули дигарро мешинонам….

Хок ҳанӯз ҳам хомӯш буд. Кӣ медонад, ки чаро?...

## ТУРНА

Харгӯш ба хонаи Турна дав-давон омада, гуфт:

–Турнаҷони меҳрубон! Шунидам, ки ту дандонҳоро нағз табобат мекардаӣ, биё ба ман ҳам дандонҳои нав шинон!

–Ба дандонҳои худат чӣ шудааст?

–Он қадар нағз нестанд. Ба ҷойи онҳо дандонҳои шерро шинон.

–Дандонҳои шер ба ту чӣ даркор?

–Ман аз рӯбоҳ қасос гирифтан мехоҳам. Аз вай гурехта гаштан ба дилам зад, бигзор акнун ӯ аз ман гурезад.

Турна табассум кард ва ба даҳони Харгӯш ду дандони шерро шинонд. Он дандонҳои сунъӣ дар назар чун дандонҳои ҳақиқии шер менамуданд.

–Муъҷиза! – хурсандона хитоб кард Харгӯш худро дар оина дида. – Акнун ба ҷустуҷӯйи рӯбоҳ меравам.

Харгӯш ба ҷангал рафта рӯбоҳро ҷустуҷӯ кард. Нохост дар рӯ ба рӯяш аз зери буттае рӯбоҳ баромада монд.

Харгӯш рӯбоҳро дида, зуд худро аз назари вай пинҳон кард.

Вай тарсону ларзон боз давон-давон назди Турна омад:

–Турнаҷони меҳрубон, дандонҳоямро дигар кун.

– Ин дандонҳо чӣ бадӣ доранд?

–Бад нестанду барои зидди рӯбоҳ ҷангидан кор намеоянд. Шояд боз дандонҳои калонтар дошта бошӣ?

–Ин тадбир ёрӣ намерасонад! –ҷавоб дод турна, – ман хато кардам, харгӯш. Дили туро иваз карда, ба ҷойи он дили шерро гузоштан даркор.

**С. Михалков**

## САЁҲАТИ ЗАРГӮШАК

Буд, набуд, як Заргӯшак буд. Як пагоҳӣ модараш ба вай гуфт:

– Ту акнун калонакак шудӣ! Баро, дар пеши хонаамон бозӣ бикун!

Вақте ки Заргӯшак аз дар мебаромад, бобояш гуфт:

– Мабодо дур равию раҳгум занӣ!

– Не, дур намеравам! – ваъда дод Заргӯшак.

Заргӯшак дар саҳни ҳавлиашон давутозу ҷастухез мекард, ки як гулаки хушрӯйиро дид.

– Ин чӣ бошад? – гуфту пештар рафт. Баъд биничаашро наздиктар бурда, бӯ кашид.

Ногоҳ гулак бол афшонду ба фазо парид.

Вай шабпарак будааст!

Заргӯшак аз паси шабпарак давид. Онҳо бозикунон аз ҳавлӣ хеле дур рафтанд.

Шабпарак баланд парида рафт, аз назари Заргӯшак ғайб зад.

Заргӯшак лаҳзае ҳайрон монд. Баъд ба пеши пойҳояш нигарист. Дид, ки як арғамчини рангобаранг хобидааст. Хам шуда арғамчинро гирифтан хост. Аммо нохост арғамчин ҷунбиду сарашро ба тарафи Заргӯшак гардонда, даҳонашро калон кушод.

Вай арғамчин не, мор будааст!

Заргӯшак тарсиду гурехт ва аз ҳавлиашон боз дуртар рафт.

Дар вақти гурехтан Заргӯшак дар зери буттае як тӯби хушрӯ дид. Саросема хам шуду тӯбро ба даст гирифт ...

Оҳ! Вай тӯб не, хорпуштак будааст! Хорпуштак бо хораш кафи дастони Заргӯшакро озурда кард. Заргӯшак ба рӯйи санге нишасту инони гиряро сар дод.

Хуб гиря кард Заргӯшак. Вай ба атроф нигариста фаҳмид, ки раҳгум задааст. Боз баландтар гиря кард. Гиря кард–гиря карду дар рӯйи ҳамон санг хобаш бурд.

Чӣ қадар хобаш бурд, заргӯшак ёд надорад. Вай аз овози бобояш бедор шуд. Бобояш ба сангпуште раҳмат гуфта, миннатдорӣ мекард.

– Хайрият, ки набераи маро ёфта овардӣ! – Мегуфт вай. – Мо хавотир шуда хеле ҷустуҷӯ кардем! Раҳмат ба ту, сангпушти меҳрубон!

Бале, Заргӯшак ба рӯйи санг не, ба рӯйи сангпушт баромада нишаста, гиря карда, хобаш бурда будааст.

Ҳамин тавр, саёҳати Заргӯшак бо хушӣ анҷом ёфт!

**Азизи Азиз**

# ШЕЪРҲО

## ИЛТИМОС

Шамолак, эй шамолҷон,
Кучо давӣ шитобон?
Шамолаки саҳархез,
Шамолаки парешон

Шамолаки навбаҳор,
Шамолаки беқарор.
Шамолаки пагоҳӣ,
Шамолаки дастиёр,

Ту ки ёрирасонӣ,
Ба ҳама меҳрубонӣ,
Ҳавлии моро ҳам
Чӣ мешуд, рӯфта монӣ?

## ШАРШАРА

Ту зебоӣ, шаршара,
Пурҷилоӣ, шаршара,
Аз шонаи кӯҳистон
Мефароӣ, шаршара.

Мӯят пур печу тоб аст,
Мӯят тамошобоб аст.
Чил кокули кӯҳ барин
Менамоӣ шаршара.

**Латофат**

## ПАНҶА БА ВАЙ ЧӢ ДАРКОР?

–Ана, бинед, модарҷон,
Кашидам расми Мошон:
Ду чашмакаш оташбор,
Бурутчааш – думи мор.

–Расмат хубу, писарҷон,
Вале як чизро фаҳмон:
Аз чӣ бепанҷа пояш
Ё лозим не барояш?

–Кашам гар панҷаи он,
Маро мекунад гирён.
Рӯямро мехарошад,
Хуни маро мечашад.
Панҷа ба вай чӣ даркор,
Эй модарҷони ғамхор?

**Н. Назирӣ**

## МИЖГОНА

Мижгоначон, Мижгона,
Хоҳари ҷон, Мижгона.
Мижгона дар боғ буд,
Зулфаш пари зоғ буд.
Зулфакашро бофтем,
Ба пушти китф партофтем.
Мижгона рӯйи сабза,
Гул мечинад қабза-қабза.

## САЛОМ

Саҳар бихезам зи хоб,
Пештар аз офтоб.
Аввал шуста дасту рӯ,
Шона занам ман ба мӯ.
Сипас ду даст пеши бар
– Салом, – гӯям ба модар.
Бигӯям аз дилу ҷон:
– Салом, салом, бибиҷон.
– Бобо, салом, – бигӯям,
– Додо, салом, – бигӯям.
Ҳар гаҳ ба мактаб оям,
Шодӣ зи дил намоям.
– Салом, – бигӯям шодон
Ба ҳамаи устодон.

**Маҳбуба Неъматзода**

## ФАСЛҲОИ СОЛ

– Зимистони ҷонона,
Чӣ овардӣ тӯёна?
– Кӯрпаи барф овардам,
Ҷомаву шарф овардам.
Мӯзаи гарм овардам,
Гилеми нарм овардам.
Болои барфи ёна,
Бозӣ бикун шодона.

– Эй навбаҳори зебо,
Чӣ овардӣ ту савғо?
– Сабзаю гул овардам,
Сози булбул овардам.

Шеъру суруд овардам,
Бар ту дуруд овардам.
Дар васфи гул шодона
Бихон шеъру тарона.

– Эй тобистони хушрӯ,
Чиҳо овардаӣ ту?
– Ин рӯзи равшан аз ман,
Ин ҳусни гулшан аз ман.
Нури фаровон аз ман,
Хуршеди тобон аз ман.
Дар обу дар офтоб
Биёбӣ хуб обутоб.

– Тирамоҳи зарнисор,
Ку ҳадяатро шумор?
– Себаки ширин аз ман,
Хурмои қандин аз ман.
Пахтаи хирман аз ман,
Гандуму арзан аз ман.
Анору себу ангур
Чӣ қадар хоҳӣ, бихӯр.

– Раҳмат ба ту, зимистон,
Раҳмат, баҳори пурнур!
Тобистону тирамоҳ,
Бар шумо ҳам ташаккур!

**Зулфия Атоӣ**

## ВАТАН

Ватан ҷоне, ки дар ҷони ману туст,
Ватан ноне, ки дар хони ману туст.
Ватан ойинаи оби зулол аст,
Ватан покии виҷдони ману туст.
Ватан як пораи нури илоҳист,
Шабафрӯзи шабистони ману туст.
Ватан ишқ аст, ишқи ёри ҷонист,
Ватан – ҷонона, ҷонони ману туст.
Ватан пайваста пайки родмардист,
Ба по истода паймони ману туст.
Ватан дар рӯйи дастони ману туст.
Дили ӯ дар дили мо мезанад дил,
Ватан дар хуни шарёни ману туст.
Ватан гуфтан кам аст, эй ҷон, Ватан бош!
Ватан дар шонаву шони ману туст.

**Камол Насрулло**

## МО НОШИКАСТЕМ

Дунё мунаввар, дилҳо музаффар,
Шодӣ занад пар мисли кабӯтар.
Дар маҳфили бахт бо ҳам нишаста
Сарбозу Кишвар, Фарзанду Модар.
Дасти ба дастем,
Мо бо ҳам астем,
То бо ҳам астем,
Мо ношикастем.

Уммеди  хандон – дар чашми мардум,
Ғам то дили мо раҳ мекунад гум.
Мо ошиқонем бо лаҳни мурғон,
Мо ҷонфидоем бо мавҷи гандум.
Дасти ба дастем,
Мо бо ҳам астем,
То бо ҳам астем,
Мо ношикастем.

Эй нози тоҷик, эй мулки озод,
Дорад муҳаббат ҷони ту обод.
То нури мардӣ дар дидаи мост,
Боде насозад хоки ту барбод.
Дасти ба дастем,
Мо бо ҳам астем,
То бо ҳам астем
Мо ношикастем.

**Гулназар**

## БУЛБУЛАКОНИ ВАТАН

Дӯстнавозӣ кунем,
Хандаю бозӣ кунем,
Халқу Ватанро зи худ
Хурраму розӣ кунем.
Ҷон ба раҳаш мениҳем,
Дил ба Ватан медиҳем.
Баҳри туву баҳри ман
Кишвари мо чун чаман.
Нағмасаро мо ҳама –
Булбулакони Ватан.
Ҷон ба раҳаш мениҳем,
Дил ба Ватан медиҳем.

**Аскар Ҳаким**

# АЗ ЭҶОДИЁТИ ДАҲОНАКИИ ХАЛҚ

## ШЕЪРҲО

### Баҳор омад

Баҳор омад, баҳор омад,
Гули савсан қатор омад.
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори лолазор омад.

### Наврӯзӣ

Наврӯзу навбаҳор аст,
Гул дар миёни хор аст,
Ғунча даҳон кушода,
Булбул чӣ беқарор аст.
Наврӯзу навбаҳорон
Ба гулрухон муборак!
Ин рӯзи шоду хуррам
Ба кӯдакон муборак!

### Турна

Турна қатор меояд,
Арғамчинвор меояд.
Вақти баҳор меояд,
Мавсими кор меояд.
Дар мавсими баҳорон
Дар домани кӯҳсорон
Бисёр боло мепарад,
Ғазалсаро мепарад.

## ЧИСТОНҲО

Як порча замин доштам,
Тухми сиёҳ коштам.
Бо чашми худ бидидам,
Бо ақли худ шинохтам.

*(Китоб)*

Сар – даруни об,
Дум – беруни об.

*(Кафлес)*

Ғуломи камарбаста,
Пушти дарак нишаста.

*(Чорӯб)*

Дар як хонача
Шаст ходача.

*(Гӯгирд)*

Ду оча,
Чил бача.

*(Нардбон)*

Сар-сари дастон меравад,
Рӯдакашолон меравад.

*(Сӯзану ришта)*

Гӯшакоша тофтем,
Даруни об партофтем.

*(Тушбера)*

Бузи зарди бозигар,
На дил дорад, на ҷигар.

*(Дутор)*

Дарвозаи шерозӣ,
Вай – нағмаю ман – бозӣ.

*(Дойра)*

Риш дораду одам не,
Шох дораду гов не.

*(Буз)*

# ТЕЗГӮЯКҲО

Шаш зарби шаш,
Шавад сию шаш.

***

Ба шаш шохи шафтолу
Шасту шашто гунҷишк
нишаст.

***

Шасту шаш шиша
доштам,
Шашташ шикаст,
шасташ нашикаст.

***

Садто сафедор.
Сад себу анор.
Сад садаву бед,
Сию се себи сафед.

***

Собирҷон соатсоз аст,
Соҳиби касби соз аст.

***

Сангу сангча дар
санглох.

***

Сад санг бо се санг,
як саду се санг.

Шаш шаст – сесаду
шаст,
Сесаду шаст – шаш
шаст.

***

Зулфия зар медӯзад,
Зевар аз ӯ омӯзад.

***

Зафар сафар кард,
Сафар зафар кард.

***

Ҳавлии мо як парча,
Дар боғи мо як арча,
Мо ҳамагӣ чор бача,
Ду писар, ду духтарча.

***

Дар дасти оча бача,
Дар дасти бача кулча.

***

Дар лаби ҷӯйча,
Як села чӯҷа.

***

Об хӯрданд аз шаршара,
Даҳ даравгар дар дара.

## МУНДАРИҶА

Такрори алифбо....................................4
Зимистон........................................12
Боғи Оила............................................18
Боғи Хона...........................................36
Боғи Мактаб.......................................50
Рӯзи Модарон..............................52
Баҳор..........................................58
Иди Наврӯз.................................66
Боғи Бӯстон........................................69
Боғи Ҳайвонот...................................83
Боғи Деҳа..........................................96
Боғи Шаҳр.......................................113
Боғи Дӯстӣ.......................................130
Боғи Инсон......................................145
Боғи Ватан.......................................157
Тобистон....................................168
Такрор. Хайр мактаб! Хуш омадӣ,
тобистон!....................................172
Иловаҳо............................................178
Ҳикояҳо....................................178
Шеърҳо.....................................182
Аз эҷодиёти даҳонакии халқ.............188
Шеърҳо.....................................188
Чистонҳо...................................189
Тезгӯякҳо..................................190

**Азим Байзоев, Аълобону Аҳмадбекова, Гуландом Машокирова, Ҷамила Зубайдова, Ҷангӣ Абдуллоев**

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 1-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

Муҳаррир М. Меликова
Мусаҳҳеҳ М. Саидова
Муҳаррири техникӣ Н. Зайниддинов
Рассомон С. Имоддинова, А. Абдуллоев, Л. Қурбонова
Тарроҳ Қ. Назаров

Ба чоп 24.01.2018 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x90 1/16
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ, 12,0
Адади нашр 150000 нусха.
Супориши № 29/2018

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст